ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1-2 (55-56) 15-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2017, ЧОРШАНБЕ



Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад.

Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд.

Аз Паёми Президенти ҶТ,
Пешвои миллат, муҳтарам
Эмомалӣ Раҳмон
ба Маҷлиси Олии ҶТ

## Дар ин шумора:

ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМ АЗ ҶОНИБИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ — Саҳ. 2

ТААССУРОТ АЗ САФАР БА ШАҲРУ НАВОҲӢ — Саҳ. 3

ҚОНУНГУЗОРИИ ҶТ ОИД БА САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН — Саҳ. 6-7

БЕ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МАВОДИ МУХАДДИРРО НЕСТ КАРДА НАМЕШАВАД! — Саҳ. 8-9

ТОҶИКИСТОН – ТАШАББУСКОРИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ОБӢ — Саҳ. 13





# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМ АЗ ҶОНИБИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ



Бо супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ як гурӯҳ устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз санаи 11 то 18-уми январи соли равон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафари хизматӣ намуда, дар ҷамоатҳои деҳот ва корхонаю муассисаҳои шаҳру ноҳия дар чаҳорчӯби барномаи ташвиқу фаҳмондадиҳии нуктаҳои асосии Паёми Пешвои миллат иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар маъракаи таблиғотӣ устодони зерини факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иштирок доштанд: Назаров Аваз – мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон; Сафарзода Бахтовар – профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва Сангинов Дониёр – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон; Азизов Убайдулло – мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон; Сафарзода Анвар – мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон; Қурбонов Қурбон – мудири кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон; Диноршоҳ Азиз – мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд; Маҳмудов Иззатулло – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд.

Роҳбарияти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо эҳтиром ва самимияти баланд муносибат намуда, тамоми имконият ва шароитро бахри дар фазои мусоид ва мувофиқ баргузор шудани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ фароҳам оварданд. Вохӯриҳо ҳар рӯз ду-се маротиба дар минтақаҳои алоҳидаи шаҳру ноҳияҳо сурат гирифта, иштирокдорон ҳудудан аз 150 то 400 нафарро ташкил менамуданд. Баъди анҷоми ҳар як суханронӣ фикру андешаҳои ҳозирин низ оид ба нуктаҳои асосии Паём шунида шуда, таассуроти ҳозирин аз вохӯриҳо ва умуман аз Паёми имсола бисёр мусбат арзёбӣ гардид.

Дар маҷмӯъ, тибқи мушоҳида ва натиҷагирии чандрӯза маълум гардид, ки тамоми қишрҳои аҳолӣ ба иқдомҳои дохилию байналмилалӣ ва сиёсати Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаматарфа арҷгузорӣ намуда, саҳми ватандории худро дар ободонии кишвар ба хубӣ дарк намудаанд.



# ШӮРОИ САРПАРАСТОН ФАЪОЛ АСТ!

Дар замони муосир яке аз соҳаҳои муҳимми таҳсилоти олии касбиро бахши тарбия ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбияи донишҷӯён дар ҳайати донишгоҳҳои кишвар сохторҳои гуногун таъсис дода мешавад, ки миёни онҳо Шӯрои сарпарастон мавқеи намоён дорад. Аз ҷумла дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шӯрои мазкур фаъол буда, пайваста аз болои фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ назорат мебарад.

Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тайи чанд сол аст, ки фаъолият мекунад. Дар соли хониши 2016-2017 ба ҳайати он 58 омӯзгор ҳамчун аъзо дохил мешаванд. Аъзои Шӯро асосан сарпарастии ин ё он гурӯҳҳои академиро ба уҳда доранд. Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти Шӯро тибқи дастури садорати факултет ҳар моҳ як маротиба ва дар ҳолатҳои зарурӣ ду маротиба ҷаласаҳои он гузаронида мешаванд.

Новобаста аз оне, ки Шӯрои сарпарастон ниҳоди ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки аз фаъолияти он сатҳу сифати тарбия боло рафта, дар маҷмӯъ ба раванди таълим низ таъсири мусбат мерасонад. Зеро сарпарастони гурӯҳҳои академӣ мувофиқи ҷадвали дарсӣ ва нақшаҳои корӣ ҳар ҳафта як маротиба оид ба мавзӯъҳои мубрами ҳаёти ҷомеа дарси тарбиявӣ мегузаранд. Хурсандиовар он аст, ки дарсҳои тарбиявӣ ҳатман дар журнали гурӯҳҳо қайд карда мешаванд, ки масъулияти сарпарастонро дучанд мегардонад. Ҳамзамон ба ғайр аз дарсҳои тарбиявӣ ҳар як сарпарасти курс дар самтҳои зерин фаъолият менамояд:

1. Ҳар рӯз 20 дақиқа пеш аз оғози дарсҳо дар назди гурӯҳҳо ҳозир шуда, ҳолатҳои дер мондан, наомадан, бо либосҳои ғайрирасмӣ ҳозир шудани донишҷӯёнро ба қайд мегиранд.

2. Бо падару модар ва ё намояндаи қонунии донишҷӯён пайваста дар тамос ҳастанд ва онҳоро аз кирдорҳои донишҷӯён огоҳ месозанд.

3. Аз аҳволи донишҷӯёне, ки дар хобгоҳҳо зиндагӣ мекунанд, ҳар ҳафта хабардор мешаванд,

4. Тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардида донишҷӯёнро ба осорхона, театр ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ ҷалб месозанд.

Боиси хушнудист, ки ҳамасола фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ беш аз пеш хубтару беҳтар мегардад. Чунончи санҷише, ки раиси Шӯрои сарпарастон Шарифзода С.Ш. бо раиси Шӯрои методии факултет Қурбонов Қ.Б. гузарониданд, нишон дод, ки дар ҷуфти аввал дар гурӯҳҳо аз 90 то 95 фоиз ва дар баъзе гурӯҳҳо 100 фоизи донишҷӯён иштирок мекунанд, ки ин самараи кори пайвастаи сарпарастон аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар фаъолияти баъзе сарпарастон саҳлангорӣ ба мушоҳида мерасад. Камбудиҳо асосан дар самтҳои зерин дида мешаванд: мавзӯъҳои соати тарбиявӣ дар журнали гурӯҳҳои академӣ сари вақт қайд нагардидааст, пеш аз оғози дарс дар назди гурӯҳҳои худ ҳозир нашудани баъзе сарпарастон, аз донишу маҳорати донишҷӯ, ҳолатҳои беморӣ, камбизоатӣ ва дигар вазъи донишҷӯён хуб огаҳ набудан ва монанди ин.



Саъдӣ ШАРИФЗОДА
раиси Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ

Ин аст, ки ҳангоми ҷаласаи Шӯрои сарпарастон декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳолатҳои зикргардидаро махсус ёдовар шуда, дар кутоҳтарин муҳлат бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаро таъкид намуданд.

Дар маҷмӯъ фаъолияти Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ хуб буда, дар оянда он боз ҳам ҷоннок карда мешавад.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj
Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
jahon_1967@mail.ru
Муовини сармуҳаррир:
Исмоил ШАРИФЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолзода И. И.
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ;
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# ТААССУРОТ АЗ САФАР БА ШАҲРУ НАВОҲӢ

**Мо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ бо дастури Раиси Маҷлиси намояндагон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров ва дар асоси Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 3 январи соли 2017, таҳти №1043 дар шаҳру ноҳияҳои кишвар бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо интихобкунандагон суҳбату вохӯриҳо доштем.**



Банда, ки вакил аз ҳавзаи якмандатаи интихоботии ноҳияи Восеъ №39 интихоб шудаам, дар ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон ва Темурмалик бо мақсади гузаронидани суҳбату вохӯриҳо бо интихобкунандагон аз 11 январ то 20 январи соли 2017 сафари хизматӣ доштам.

Паёми навбатии Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии ҶТ ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар дар давраи таҷлили биступанҷсолагии Истиқлолияти давлатии ҶТ-и азизамон пешниҳод гардид.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат як силсила масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба таври ҳамаҷониба таҳлил ёфта, барои рушди устувори ҳар як соҳа ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар онҳо дастуру супоришҳои қатъӣ ва таклифу ҳидоятҳои зарурӣ дода шуданд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки тамоми нишондодҳо ва тавсибату вохӯриҳо, ташвиқи маърифати истифодабарии замин, канданиҳои фоиданок, об, ҳифзи муҳити зист бо мақсади ҳифз ва таъмини амнияти озуқаворӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишомӯзии хонандагон, забондонӣ, технологияи нави муосир, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносии миллӣ, ба ҳаёти мустақил омода намудани онҳо, ташвиқи зиндагии солим дар ҷомеа равона гардидааст.

Барои баргузории суҳбату вохӯриҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон ва Темурмалик мусоидат намуданд, ки аз онҳо ташаккур мегӯем. Воқеъбинона пуштибонӣ намудани сиёсати имрӯзаи давлат, дарк кардани масъулият дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии соҳаҳо, ислоҳоти соҳаҳо, дастгирии соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, сиёсатҳои Паёми Президенти ҶТ аз ҷониби аҳли ҷомеаи мамлакат самимона пуштибонӣ ёфта, ҳамчун барномаи амали бунёдкорӣ ва кору пайкори созанда баҳри таъмини шароити зиндагии арзанда дар амал татбиқ хоҳанд гардид.

Дар ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон ва Темурмалик нақша-чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи нишондодҳое, ки аз Паёми Пешвои миллат аз 22 декабри соли 2016 бармеоянд, тасдиқ гардидааст. Номгӯи чорабиниҳо ба омӯзиш, таъсиси гурӯҳҳои таблиғотӣ ва ташкилӣ, силсила суҳхориҷии сардори давлат, эътирофи ҷаҳонӣ ёфтани ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат доир ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» мавриди назар ва гуфтугӯи ошкорои суҳбату вохӯриҳо гардиданд.

Дар мулоқоту вохӯриҳо нигаронии аҳли толорҳо ва шаҳрвандони ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон ва Темурмалик оид ба тақсимот ва истифодаи замин, андозбандӣ, рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, таъмини оби нӯшокӣ, таъмини об бо насосҳо барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, корхона ва сехҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, сохтмони мактабҳои ибтидоию миёна, купрукҳо ва роҳҳои мошингард мавриди назар қарор гирифт.

Хоҳишӯ дархости муроҷиаткунандагон ба инобат гирифта шуда, масъалаҳоеро, ки ҳаллу фаслашон ба мақомотҳои маҳаллӣ вобастагӣ доштанд дар ҷояш ҳал карда шуданд, қисмати дигари мурочиатҳо бошанд, ба сохторҳои дахлдор расонида шуданд. Аз қабили:

- н. Восеъ – ҷудо намудани маблағ барои таъмири насосҳои обкаш ва тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо, соҳилмустаҳкамкунӣ;

- н. Темурмалик – соҳилмустаҳкамкунӣ ва таъмини оби нӯшокӣ барои ҷамоатҳои деҳоти С. Раҳимов, Х. Бобоюнус ва Кангурт.

- н. Балҷувон – ҷудо намудани маблағ барои соҳилмустаҳкамкунии маҷрои оби Талхак, Сурхоб, Оби Тира, Оби Мазор ба масофаи 3500 метр; тезонидани сохтмони роҳи мошингарди Балҷувон-Сари Хосор; таъмиру азнавбарқароркунии даҳ мактаби миёнаи ибтидоӣ дар ноҳияи Балҷувон, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дорад ва сохтани мактабҳои нав, зеро 6 (шаш) мактаби ибтидоӣ дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир мебошад,

Бояд қайд кард, ки бо дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати ҶТ ин норасогию камбудиҳо дар мудатҳои кутоҳ пай дар пай рафъ гардида истодаанд. Масъалаи дар деҳаи Чорбоғи ноҳия мактаб барои 477 хонанда ба



**Зайниддин САФАРОВ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз ҳавзаи якмандатаи ноҳияи Восеъ №39, Душанбе-Восеъ-Темурмалик-Балҷувон-Душанбе**

маблағи 2 млн 155 ҳазор сомонӣ сохта шудааст, ки 1 феврали соли ҷорӣ ба истифода дода шуд.

Дар мулоқоту вохӯриҳо роҳбарон ва муовинони онҳо, раисони шаҳраку деҳот, раисони ҳизбҳои амалкунанда дар ноҳияҳо намояндагони мақомоти иҷроияи вилоят, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, намояндагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Шарифӣ Фирӯза Бурихонзода низ иштирок доштанд.

## АЗ РЕДАКСИЯ:



***Тавре медонем, аз санаи 11 то 20-уми январи соли ҷорӣ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар шаҳру навоҳии мамлакат бо аҳли ҷамоатчигӣ – интихобкунандагон бобати шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат суҳбату вохӯриҳоро анҷом доданд. Намояндагони рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар чанде аз суҳбату вохӯриҳои вакилон бо мардум иштирок доштанд. Аз ҷумла вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Насриддинзода Эмомалӣ – дар ноҳияи Фирдавсӣ, Саидов Ҷамшед – дар ноҳияи Сино, Сафаров Зайниддин – дар ноҳияи Восеъ, Сафарзода Бахтовар – дар ноҳияи Вахш зимни суҳбату вохӯриҳо Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро роҳнамо ба сӯи ояндаи нек арзёбӣ намуда, дастовардҳои миллати тоҷикро дар даврони Истиқлолият, махсусан баъди баста шудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ беназир хонданд ва чун гавҳараки чашм ҳифз намудани ин дастоварду арзишҳоро вазифаи ҷонии ҳар як шахси худогоҳу хештаншинос ҳисобиданд.***



# НАҚШИ ПАЁМ ДАР РУШДИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ



**Муҳаммадҷон СОҲИБОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждани**

Мутобиқ ба талаботи сархати 3-и моддаи 55-и Конститутсияи ҶТ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Президенти кишвар бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд. Чунин меъёр ба Конститутсияи мамлакат бо тағйироту иловаҳои соли 1999 ворид карда шудааст. Президенти мамлакат ба сифати сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттаби фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон бо Паёми худ маълумот медиҳад. Дар маҷмӯъ масъалаҳои мазкур мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода мешавад ва барои соли дар пешистода ва солҳои минбаъда вазифагузорӣ карда мешавад.

Яке аз бахшҳои аъзами Паёми имсолаи Президенти кишварро «сиёсати ҳуқуқӣ» ташкил медиҳад. Рушди сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаҳои қонунгузории гражданӣ, оилавӣ, манзил, ҷиноятӣ, замин, экологӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, молия, андоз, меҳнат, соҳибкорӣ ва соҳаи амнияти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқии муурофиявӣ, сиёсати хориҷӣ ва ғайра амалӣ гардонида мешавад. Дар ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқии давлат ҳамаи субъектҳои ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқӣ, аз мақомоти олии намояндагии давлат, ки стратегияи сиёсати ҳуқуқиро муайян ва мақомоти иҷроия онро дар амал татбиқ мекунад, то шаҳрвандони алоҳида иштирок меварзанд.

Дар замони муосир бо сабаби сиёсишавии ҳаёти ҷамъиятӣ ҷабҳаи сиёсии ҳуқуқ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Аз ин ҷо зарурияти аз лиҳози сиёсӣ баҳо додани ҳуқуқ ҳамчун мақсад барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ ба миён меояд. Бояд зикр намоем, ки аз рӯйи моҳияти худ сиёсати ҳуқуқӣ чунин сиёсатест, ки асоси онро ҳуқуқ ва характери объективӣ доштани хусусияту имконият ва эътирофи арзиши иҷтимоии он ташкил медиҳад. Ба воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ давлат ҳамзамон заминаи ҳуқуқии фаъолияти худро дар соҳаи давлатию ҳуқуқӣ мустаҳкам намуда, танзими соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ба роҳ мемонад.

Сиёсати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама барои манфиати давлат ва ба воситаи давлат ба ҷамъият ва шаҳрвандони он хизмат менамояд. Барои ҳамин ҳам мустаҳкамкунии давлатдорӣ дар навбати аввал пойдории асосҳои ҳуқуқии қонунгузории онро дар назар дорад. Кӯшиши амалӣ намудани ин ё он сиёсат бе таъмини ҳуқуқӣ метавонад боиси таназзули давлат бинобар сабаби номукаммалии қонунгузорӣ гардад. Дар шароити ҳозира идома додани ислоҳоти демократӣ дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ танҳо бо ёрии сиёсати ҳуқуқии комилан асоснок имконият дорад.

Бояд зикр намоем, ки сиёсати ҳуқуқии ҶТ яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб меравад ва барои рушди давлатдории муосири тоҷикон аҳамияти хос давлат, низоми ақида, принсипҳо, меъёрҳо, талаботи ҳукмронии ҳуқуқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, барпо намудани ҷамъияти маданинии ҳозиразамони инкишофёфта, давлати ҳуқуқбунёди самаранок амалкунанда ва тартиботи ҳуқуқии ягонаю устувор дар қаламрави мамлакат мебошад».

Муҷиби асосии дар Паёми имсолаи Президенти ҶТ арзёбӣ гардидани масъалаи «сиёсати ҳуқуқӣ» инҳо ба ҳисоб меравад:

- Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст;

- Бо мақсади амалишавии ин арзиши конститутсионӣ дар давроони Истиқлолияти давлатӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқии кишвар такмил ти адлия, Прокуратураи генералӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ уҳдадорӣ гирифтанд, ки «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ»-ро таҳия карда, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд;

Хулоса, мақсади асосӣ ва дурнамои сиёсати ҳуқуқии ҶТ-ро ба таври пурра ва мунтазам амалӣ намудани ғоя ва муқаррароти Конститутсияи ҶТ оид ба барпо намудани давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ҷамъияти шаҳрвандӣ, пурзӯр намудани ҳифз ва кафолати ҳуқуқи инсон, такмили қонунгузорӣ ва татбиқи амалии он, барпо намудани заминаи ҳуқуқии ислоҳот дар соҳаи иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маориф, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

Сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар асоси дорад, бинобар ин аз ҷиҳати илмӣ-амалӣ баҳо додани он бамаврид мебошад. Агарчанде дар ҷумҳурӣ консепсия ва барномаҳои зиёде оид ба инкишофи қонунгузорӣ қабул шуда бошанд ҳам, тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ ба таври бояду шояд мавҷуд намебошад. Масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқии дигар кишварҳо кайҳо боз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда бошад ҳам, дар адабиёти ҳуқуқии кишвари мо мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Аз ҷониби дигар, барои дар амалия татбиқ намудани сиёсати ҳуқуқии кишварамон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Аввалан, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ-ро ҳамчун ҳуҷҷати умумие, ки ҳамаи ҷанбаҳои инкишофи ҳуқуқии ҷамъиятро фаро гирифта бошад, таҳия намудан зарур аст, зеро ин нишондод дар Паёми имсола махсус ишора ва асоснок карда шуд. Консепсияи мазкур на танҳо рушди қонунгузории ҶТ, балки дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварро, аз ҷумла одатҳо ва шартномаҳоро низ бояд дар бар гирад. Инчунин на танҳо масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, балки амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва проблемаҳои инкишофи таҷрибаи ҳуқуқӣ, илмӣ ва тарбияву омӯзиши ҳуқуқиро ҳам бояд фарогир бошад. Сониян, консепсияҳои соҳаҳои алоҳидаро қабул намудан зарур аст, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқиро мушаххас ва инкишоф дода тавонанд. Мисоли равшани он, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ шуда метавонад, ки 2 ноябри соли 2013 бо Қарори Ҳукумати ҶТ қабул шудааст. Ба ҳамин монанд Консепсияи зиддикоррупсионии ҶТ, Консепсияи сиёсати судӣ, Консепсияи ҳуқуқэҷодкунӣ, Консепсияи рушди ҳуқуқи инсон ва ғайраҳоро қабул намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр «сиёсати ҳуқуқӣ ин сиёсати давлат дар соҳаи инкишофи ҳуқуқ, стратегия ва тактикаи роҳи ҳуқуқии инкишофи ҷомеа, дода шуда, дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд;

- Парламент як қатор қонунҳое қабул намуд, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, пешрафти иқтисодиёт ва соҳибкорӣ равона шудаанд;

- Мувофиқи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи ҶТ воридшуда дар самти таҳкими мустақилияти ҳокимияти судӣ корҳои муайян амалӣ гардиданд. Дар ин раванд, Шӯрои адлия барҳам дода шуд ва масъалаҳои вобаста ба интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти судяҳо ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор гардиданд;

- Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ Вазоратҳои адлия, маориф ва илм, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва тамоми мақомоти давлатиро зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ густариш диҳанд; Омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дар барномаҳои муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монанд;

- Бо дарназардошти ин ва вазъи ноороми ҷаҳону минтақа зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан, ҷиноятҳои муташаккил ва фаромиллӣ, таъмини амнияту тартиботи ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат тақвият бахшида, ҳар як корманди ин сохтору мақомот вазифаҳои хизматиашро бо масъулияти баланд ва содиқона иҷро намояд;

- Ба хотири рушди минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ Вазора-

Консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ амалӣ шуда истодааст. Аз ҷумла, фармони Президенти ҶТ "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҷавонон" (9 апрели соли 1997), Консепсияи инкишофи қонунгузории ҶТ (19 феврали соли 2011), Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ (2 ноябри соли 2013), инчунин шаш барномаи давлатӣ оид ба соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маъмурӣ, молиявӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, байналмилалӣ, мурофиаи гражданӣ, иқтисодӣ ва ғайраҳо аз тарафи Ҳукумати ҶТ 1 март ва 3 апрели соли 2013 қабул карда шудаанд.

Ҳамин тавр, сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии сиёсати умумидавлатӣ аз раванди қонунияти объективии инкишофи ҷамъияти ҳозира ва он талаботе маншаъ мегирад, ки асоси дигаргуниҳои гузаронидаро дар кишвар ташкил медиҳад. Вай бояд барои рушди минбаъдаи, давлатдории навини тоҷикон, демократикунонии ҷомеа, баландшавии сатҳи иқтисодиёт, барқароршавии иқтисоди бозорӣ, беҳдошти соҳаи иҷтимоӣ, ҳифзи мунтазами манфиатҳои миллӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона карда шавад. Барои сиёсати ҳуқуқӣ нисбат ба дигар соҳаҳои сиёсат пешгӯйӣ (пешбинӣ) намудани проблемаҳо ниҳоят муҳим мебошад. Сиёсати ҳуқуқӣ набояд пайрави дигар намуди сиёсатҳо (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо) бошад, балки ба қадри имкон ба онҳо роҳ кушода, дурнамои дигар сиёсатҳоро муайян карда тавонад, ҷомеаро аз зуҳурот ва ҷараёнҳои манфӣ огоҳ намуда, ҳамзамон дар он ҷое, ки шароит барои дахолати ҳуқуқӣ ба миён наомадааст, пешдастӣ нанамояд, қобилияти ташхиси нуқтаҳои дардноки ҳаёти ҷомеаро дошта бошад ва онро саривақт пешгирӣ карда тавонад.



Ардашер АВЗАЛОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

# МУБОРИЗА БО ЭКСТРЕМИЗМ, ТЕРРОРИЗМ, КОРРУПСИЯ ВА ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР

## (Дар партави Паёми Президенти ҶТ)

Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи санади бунёдӣ, яъне Конститутсия кафолат дода шудааст. Волояти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ давра ба давра мақоми худро устувор намуда истодааст. Бо мақсади амалишавии кафолатҳо ва арзишҳои номбаршуда аз ҷониби Маҷлиси Олӣ тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул гардида, низоми ҳуқуқии кишварамон рушд карда истодааст.

Масъалаҳои асосие, ки дар тақвияти Паёми Президенти ҶТ бояд мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, ин масъалаи мубориза бо ҷинояткорӣ дар кишварамон ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, се гурӯҳи ҷиноятҳо, ки муқовимати ҷиддиро талаб менамоянд, терроризм-экстремизм, коррупсия ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба шумор мераванд.

Чуноне ки мо аз ВАО, чорабиниҳои илмӣ ва амалии сатҳҳои гуногун ва таҳлилҳои омори ҷинояткорӣ хабар дорем, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта дар мамлакатамон ҳанӯз аз солҳои ҷанги шаҳрвандӣ то ба ҳол динамикаи муътадилро доранд. Дар баъзе мавридҳо бошад, ҳатто сатҳи болоравиро касб кардааст. Терроризм ва экстремизм дар кишварамон ҳоло унсури ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ дорад. Аз ҷумлаи унсури дохилӣ ҳодисаҳои моҳи августи соли 2015-ум ва силсила ҳодисаҳои то он ҷойдоштаро номбар кардан мумкин аст, ки аҳолии кишварро зери тарсу ваҳм ва амнияти давлативу ҷамъиятиро таҳти таҷовуз қарор додаанд. Унсури хориҷӣ бошад, дар шахсияти онҳое дида мешавад, ки бо



амали фаъоли ҳаррӯзаашон ба амнияти шаҳрвандон ва давлат бо роҳҳои зерин халал ворид месозанд: ба низоми дурусти фаъолияти кории давлат ва сохтори алоҳидаи он таъсирҳои алфозӣ ва тавассути ВАО таҳдидҳо менамоянд, бо давлатҳое, ки нияту мақсадҳои шубҳанок доранд дар ҳамкорӣ ҳастанд, барои ҷалби ҳаммаслакон аз ҳисоби шахсони норозӣ ва ақидаи аҷнабидошта фаъолона таблиғот ва ташвиқот мебаранд.

Бояд дар назар дошт, ки бо ин васила терроризм ва экстремизм ба асосҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонида, пояи низоми давлатдориро фалаҷ менамояд, ки мо бояд ҳатман дар ин самт корҳои дахлдорро ба анҷом расонем. Аз ҷумла, мо метавонем ба воситаи чунин чорабиниҳо ақидаҳои илмии дуруст коркард намуда, натиҷаи онро баҳри ба мусолиҳа овардани ин қабил шахсон равона созем. Ба ғайр аз ин, мо бояд тамоми чораҳоро баҳри дуруст дарк кардани терроризм ва экстремизм равона созем. Чунки таърихи кишварамон аз он шаҳодат медиҳад, ки аввали асри XX ҳангоми табадуллоти сиёсии дар ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон суратгирифта, аксари



аҳолиро ба истилоҳ “босмачӣ” ном ниҳода, онҳоро аз муҳити муқимии истиқоматиашон берун карданд. Масъалаи мазкур бояд дуруст дарк карда шавад. Чунки падидаи терроризм ва экстремизми дар ҳудуди кишварамон айни замон мавҷудбуда ба мисли ҳамон “босмачигарӣ” ҷой дорад, аммо танҳо шакли инъикосёбӣ ва роҳу воситаҳои ба онҳо мубаддал гаштан тағйир ёфтааст. Ин дар идора кардани ҷараёнҳои террористӣ аз ҷониби абарқудратҳо арзёбӣ мегардад. Ҳамон ақидаи бегонапарстӣ, ақидаи ҷудоиандозӣ, дар ҷои аввал гузоштани моликиятпарастӣ ва зеҳн додан ба моликиятдории дигар шахсон, тафриқа андохтан дар миёни одамони ақида ва ғояи гуногундошта ва дар як маврид якеро аз дигаре боло арзёбӣ кардан, бо роҳҳои классикӣ ва муосир ҷалб кардани одамон (аз ҷумла ҷавонон) ба ҷараёнҳои террористии байналмилалӣ, нодуруст дарк кардан ва нодуруст фаҳмонидани мушкилоти рӯзмарраи шаҳрвандон аз ҷониби шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва монанди инҳоро номбар кардан мумкин аст, ки сабаб ва шароити ба вуҷуд омадани терроризм ва экстремизм гардидаанд.

“Мушкилоти дигаре, ки рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст, содир




гардидани кирдорҳои коррупсионӣ мебошанд”. Мушкилот эътироф гардидани коррупсия дар муносибатҳои ҷамъиятии кишварамон зарурати воқеӣ дорад. Чунки мутобиқ ба нишондиҳандаҳои оморӣ, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта сол то сол тамоюли болоравиро дошта, маҷмӯи чораҳои то ҳол андешидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар номуваффақ боқӣ мондааст. Сабаби асосии ҷой доштани зуҳуроти коррупсия дар кишварамон асосан сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ ва тезтар (фаврӣ) ҳал намудани зуҳуроти бо он рӯ ба рӯ шудани шаҳрвандон мебошад. Мутаассифона, ҳар як шаҳрванди кишварамон чунин хусусияти феълӣ пайдо кардааст, ки хоҳиши бо роҳи осон ҳал кардани мушкилотро доимо меҷӯяд.

Дар ин замина моро зарур аст, ки дар тақвияти Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ як қатор таклифҳои ироагардидаро пайгирӣ намуда, онро аз нуқтаи назари худ пешбарӣ намоем. Аз ҷумла:

- коркарди консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ бо назардошти афкори олимони ҳуқуқшинос;
- масъалаи пешбарии номзадҳо ва интихоб ба ишғоли вазифаҳо дар хизмати давлатӣ бояд ба талаботи зерин аз қабили шахсият, масъу-




лиятнокӣ, дониши хуби назариявӣ, ҷаҳонбинии васеъ, фазилати умумии инсонӣ, таҷрибаи кофии касбӣ, одобу ахлоқ ва рафтору кирдори муносибдошта, ҷавобгӯй бошанд.

- ҳамаҷониба ва бо истифода аз сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар миёни аҳолӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардум. Инчунин, ба воситаи сохторҳои маориф ва илм омӯзондани ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои ҶТ.
- дар вуҷуди ҷавонон созмон додан ва тарбия кардани дарки худшиносӣ, дарки таърих ва асолати миллии худ, ки мардуми мо ба амалҳои тундраву ифротӣ, ҷудоиандозӣ ва вайрону валангор кардани хонаи ободи дигарон азм надошт ва надорад;
- муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ эътироф карда шуда, дар ин замина ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар вусъат дода шуда, дар як маврид бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ алоқаҳоро самаранок намудан зарур аст;
- ба мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия додани салоҳияти мустақилона гузаронидани санҷиши соҳаҳои андоз, фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар қисми хизматрасонии маблағҳои буҷетӣ, фондҳо ва қарзи давлатӣ;
- дар кори мубориза бо коррупсия ҳамаҷониба ҷалб кардани шаҳрвандон ва ҷомеи шаҳрвандӣ;

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти вазъи мубориза бо ҷинояткорӣ зарур аст, ки мо дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бо масъулияти баланд ва содиқона иҷро намоем.

# ҚОНУНГУЗОРИИ ҶТ ОИД БА САНАДҲОИ

**Низоми қонунгузории ҶТ чанд соли охир устувор ва мукаммал карда шудааст. Дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ шумораи зиёди қонунҳое қабул ва амал карда истодаанд, ки дар воқеъ ҷавобгӯи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудаанд.**

Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (аз 26 марти соли 2009, №506) яке аз қонунҳои сифатан мукаммали низоми қонунгузории Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии ҶТ қабули қонуни мазкур таърихи ба худ хосаро дорад. Маротибаи аввал қонуни мазкур соли 1998, маротибаи дуюм соли 2003 ва маротибаи сеюм соли 2009-ум қабул карда шудааст. Албатта, бузургони илми ҳуқуқ ҳанӯз дар Рими қадим барҳақ афзудаанд: «Қонун догма нест, ба он ҳар лаҳза тағйирот ворид кардан мумкин аст». Аммо фосилаи на он қадар тӯлоние, ки қабули Қонунҳои ҶТ-ро «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз ҳамдигар ҷудо мекунад дар саҳифаҳои таърихии қонунгузории даврони истиқлолияти ҶТ сабт карда шудаанд. Таҳлилҳо собит намудаанд, ки сабаби асосии чунин иқдом мавҷуд будани муқовиматҳои сиёсӣ, ноустувор будани низоми қонунгузорӣ ва низоми мартаботии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шумор мераванд.

Аз таҳлили матн ва мазмуни қонунҳои қаблӣ чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор зимни қабули навбатии он танҳо ба низоми зинавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйирот ворид намудааст. Масалан, дар таносуб аз қонуни соли 1998 қабулшуда, қонуни соли 2003-юм дар низоми зинавии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар зинаи дуюм баъд аз Конститутсия қонунҳоеро, ки тариқи раъйпурсӣ қабул карда мешаванд, ҷойгир намуд. Дар матни қонуни амалкунанда як қатор навовариҳо, аз қабили ворид намудани боби нав бо номи «Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» ва дар шакли нав пешниҳод намудани низоми зинавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дида мешавад.

Айни ҳол лоиҳаи нави Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» омода карда шуда, аз зинаҳои муайяни давраҳои эҷоди қонун гузаронида шуда истодааст. Зарурати имрӯзаи дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1) Таҷдиди назар намудани низоми зинавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

2) Ба миён омадани эҳтимолияти тавассути санадҳои ҳуқуқӣ танзими муносибатҳое, ки дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳал ба миён меоянд;

3) Ҳамгироии қонунҳо, махсусан ба матни нави Конститутсия мутобиқ намудани қонуни мазкур.

Аз ин рӯ, ҳамчун мутахассиси соҳа бо мақсади мукаммалгардонии Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба он чунин таклифҳо пешниҳод месозем:

1. Дар моддаи 2-юми Қонуни мазкур мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ чунин омадааст: Ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад. Мафҳуми додашуда аз нуқтаи назари мазмун ва мавқеи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назари ҷиддиро талаб мекунад. Зеро таъриф додани санади меъёрии ҳуқуқӣ чун ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршуда мавқеи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро чун дигар намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ба монанди сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин, ҳуҷҷати ронандагӣ ва ғайра дар як зина қарор медиҳад. Ҳол он ки дилхоҳ намуди ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршуда дар асоси ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ тартиб дода мешавад. Аз ин рӯ, чун ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршуда мафҳумбандӣ намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ нест. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2-юми қонуни амалкунанда ибораи «ҳуҷҷати расмӣ» ба ибораи «ҳуҷҷати меъёрӣ» иваз карда шавад. Ҳамин тариқ, мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 2-юми қонуни амалкунанда дар чунин таҳрир пешниҳод карда шавад: «Санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷати меъёрии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад».

2. Дар моддаи 2-юм – «Мафҳумҳои асосӣ» қонунгузор мафҳумҳои «қиёси ҳуқуқ» ва «қиёси қонунро» ҷо намудааст, ки бо асосҳои зерин ба талаботи пешниҳодшуда нисбат ба мафҳумҳо ҷавобгӯ намебошанд. Якум, тибқи талаботи моддаи 31 банди 3-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳум ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо бошанд. Мафҳуми «қиёси қонун» ва «қиёси ҳуқуқ» бе риояи талаботи муқарраршуда мафҳумбандӣ карда шудааст. Ба назари мо онҳо нофаҳмо ва абстрактӣ буда, мақсади мушаххас надоранд. Дуюм, ҳар як муқаррарот, ё ин ки мафҳуми дар қонун пешбинишуда аз нуқтаи назари махсусият ва умумияти том мебоист татбиқ карда шавад, аммо мақсади қонунгузор аз ворид намудани чунин муқаррарот ба монанди қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ низ муайян нест. Сеюм, дар назарияи ҳуқуқ масъалаи истифода ва мустаҳкам намудани қиёси ҳуқуқ ва қиёси қонун ҷанбаҳои мубоҳисавии зиёдро доранд.

Тибқи нишондоди умумии дар назарияи ҳуқуқ эътирофшуда, қиёси қонун чун василаи пурракунандаи меъёри ҳуқуқ баромад мекунад. Дар ҳолати набудани меъёри танзимкунандаи ҳуқуқ меъёри шабеҳи соҳаи ҳуқуқи ҳаммонанд истифода карда мешавад. Дар асоси истифодаи соҳаи ҳуқуқи ҳаммонанд ё ин ки як соҳаи ҳуқуқ истифодаи қиёси қонун миёни олимон низ баҳс мавҷуд аст, аммо аксарияти кулл маҳз истифодаи қиёси қонунро дар доираи соҳаҳои ҳуқуқи ҳамонанд ҷонибдорӣ менамоянд (ниг. осори Сотиволдиев Р.Ш., Марченко М.Н., А.Ф. Черданцев, С.С. Алексеев ва диг.). Чунин хусусиятҳои истифодаи қиёси қонун ба монанди: а) мавҷудияти норасоӣ ё нуқсони воқеӣ дар меъёрҳои қонуни як соҳаи ҳуқуқ; б) истифодаи усули ягонагии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи ҳаммонанд эҳтимолияти ҳатмии ба инобат гирифтанро дар амалияи татбиқи ҳуқуқ доро мебошанд.

Истифодаи қиёси ҳуқуқ низ чун василаи пурра кардани меъёри ҳуқуқ буда, дар таносуб аз қиёси қонун васеътар аст. Зеро ки он нисбат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ намудани асосҳои умумӣ, мазмуни қонун, талаботи бовиҷдонӣ, хирад ва адолатро иҷозат медиҳад. Дар назарияи ҳуқуқ чунин вожаҳо бо истифодаи ибораи принсипҳои ҳуқуқ низ муттаҳид карда мешаванд. Ҳамчунин истифодаи қиёси ҳуқуқро бештар дар адабиёти ҳуқуқӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ тавсия медиҳанд. Низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ зарфиятҳои мухталифи низомҳои ҳуқуқии ҷаҳони муосирро дар худ ҷо кардааст, аммо аксарияти олимони низоми ҳуқуқии мазкур дар ақидаанд, ки субъектони татбиқи ҳуқуқ истифодаи қиёси ҳуқуқро бояд бисёр нуқтасанҷона ба роҳ монанд. Ҳангоми истифодаи қиёси ҳуқуқ якум, бояд меъёри ҳуқуқии мавҷудбуда халадор карда нашавад, дуюм дар шакли санадҳои эътиноии ҳокимияти судӣ (ҳукм, ҳалнома) ба тасвиб расидани натиҷаи истифодаи қиёси ҳуқуқ имконияти воқеии бартараф намудани нуқсонро дар қонун инъикос намояд. Аз ин хотир, ба мақсад мувофиқ дониста мешуд, ки а) субъектони истифодаи қиёси ҳуқуқ ва қиёси қонун дар қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мустаҳкам карда шаванд; б) натиҷаи истифодаи қиёси ҳуқуқ ва қиёси қонун дар шакли «Қарор» муқаррар карда шавад; в) мафҳумҳои қиёси ҳуқуқ ва қиёси қонун дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад: Қиёси қонун гуфта набудани меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои ҳуқуқ меноманд, ки нисбати онҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории шабеҳ истифода бурда мешавад;

Қиёси ҳуқуқ гуфта набудани меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои шабеҳи онро меноманд, ки татбиқ намудани муносибатҳои ҷамъиятиро дар асоси принсипҳои умумии ҳуқуқ, мазмуни қонун, талаботи бовиҷдонӣ, хирад ва адолат ба роҳ мемонад.

3. Аз банди 3-и моддаи 7-и қонун «санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон» бардошта шавад, чунки ҳам аз нигоҳи илм ва ҳам аз нигоҳи таҷриба ин масъала баҳснок аст.

Якум, вақте сухан оид ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меравад, чун қоида низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ (дохилидавлатӣ) дар назар дошта мешавад. Ҳар як давлат низоми ба худ хоси санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дорад. Бо ин нишона низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои мухталиф аз ҳам фарқ доранд. Масалан, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Франсия аз низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Шветсия ё Италия



# МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН

фарқ дорад. Ҳамин тавр, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон низ миллӣ аст ва санадҳоеро фаро мегирад, ки дар дохили ҷумҳурӣ амал мекунанд.

Дуюм, байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ фарқи куллӣ ҷой дорад. Санади меъёрии ҳуқуқии миллиро субъектони ваколатдори давлатии дахлдор қабул мекунанд. Санади ҳуқуқии байналмилалиро бошад, субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ эҷод мекунанд.

Сеюм, мафҳум ва нишонаҳои санади меъёрии ҳуқуқӣ дар таърифи он (м. 2 Қонун) муайян шудааст, ки тибқи он, ин санадро мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ё халқ қабул мекунанд. Санади ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯи ин нишонаҳо нест.

Чорум, Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мисли ҳама гуна қонунҳои дигар бояд тибқи Конститутсия ва дар мувофиқа бо он қабул шавад. Тибқи қ. 4 м. 10 Конститутсияи Тоҷикистон, санадҳои хуқуқии байналмилалии эътирфнамудаи ҷумҳурӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мебошанд. Ин ҷо сухан оид ба «низоми ҳуқуқӣ» меравад, на низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Байни мафҳумҳои «низоми ҳуқуқӣ» ва «низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тафовути ҷиддӣ ҷой дорад. Мафҳуми «низоми ҳуқуқӣ» васеътар буда, ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин ҳуқуқ, назарияи илмии ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва унсурҳои дигарро фаро мегирад. (ниг. Сотиволдиев Р.Ш.)

Аз ҷониби дигар, вақте сухан оид ба мавқеи санадҳои хуқуқии байналмилалӣ дар «низоми ҳуқуқӣ» меравад, маҳз ҳамин мафҳуми низоми ҳуқуқии миллӣ дар назар аст, на низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Ҷузъи низоми ҳуқуқии миллӣ будани санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро барои он истифода мебаранд, ки бартарии санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нисбат ба қонунҳои миллӣ нишон диҳанд ва ҳамчунин ишора ба имкони вориди қонунгузории миллӣ гаштани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро (имплементатсияи онҳоро) мекунад. Барои ҳамин, дар конститутсияҳои ҷаҳон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷузъи низоми ҳуқуқии миллӣ эълон мешаванд ва бартарии онҳо нисбат ба қонунҳои миллӣ эътироф мегардад. Ин меъёр дар қ. 4 м. 10 Конститутсияи Тоҷикистон низ истифода мешавад.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ (миллӣ) мебошад ва танҳо санадҳои меъёрии дар дохили давлат кабулу амалкунандаро дар назар дорад. Чунончи, ҳудуди амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ҳудуди давлати миллиро дар назар дорад. Ҳудуди амали санадҳои байналмилалӣ аз ҳудуди як давлат берун мебароянд. Масалан, эъломия, конвенсия, паймонҳои байналмилалӣ дар ҳудуди ҳамаи давлатҳои эътирофнамудаи онҳо амал мекунанд. Аз ин рӯ, вобаста ба асосҳои дар боло овардашуда пешниҳод карда мешавад, ки аз моддаи 7-уми Қонуни мазкур банди сеюм навиштаҷоти «санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ» бардошта шавад.

4. Мавқеи қонунҳои ҶТ, ки тариқи раъйпурсӣ қабул мешаванд дар қонун ҳамгироии ҷиддиро тақозо мекунад. Якум, дар адабиёт аллакай баҳсҳои илмӣ ҷой доранд, ки нуфузи кадоме аз ин қонунҳо баланд аст. Маълум аст, ки қонунҳои конститутсионӣ одатан дар таҳлилҳои илмӣ баъди Конститутсия номбар мешаванд. Дар адабиёти илмӣ Конститутсияро низ намуди қонуни конститутсионӣ ҳисоб мекунанд (ниг. осори М.Н. Марченко, В.Н. Протасов, Имомов А.И. ва диг.). Дуюм, намуди дигари қонунҳои конститутсионӣ қонунҳое мебошанд, ки қабули онҳо дар Конститутсия пешбинӣ мешавад. Аз ин хотир, ин қонунҳои конститутсионӣ ҷузъи Конститутсия мебошанд. Бесабаб нест, ки тартиби қабули ин қонунҳо низ аз тартиби қабули қонунҳои одӣ фарқ дорад. Барои ҳамин, дар адабиёти илмӣ одатан қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои одиро ҷудо мекунанд. Сеюм, қонунҳое, ки тариқи раъйпурсӣ қабул карда мешаванд на аз ҷониби ҳамаи муҳаққиқон чун намуди мустақили қонун таҳлил карда мешаванд. Масалан, раъйпурсӣ дар ИМА асоси қонунгузорӣ надорад, дар Шветсия хислати танҳо машваратӣ дорад ва м.и. Дар ҶТ ин намуди қонунҳо агарчанде, ки дар низоми мартаботии қонуни қаблӣ ва амалкунанда муқаррар шуда бошад ҳам, аммо шахшуда монда аст ва умуман татбиқ карда намешавад.

Дар моддаи 15-и Қонуни амалкунанда мафҳуми қонуни тариқи раъйпурсӣ қабулшуда бо ишораи он ки шаҳрвандон субъекти қабули ин намуди қонун ба шумор мераванд ва он тавассути овоздиҳии умумихалқӣ сурат мегирад, чун нишонаҳои хоси қонуни мазкур арзёбӣ карда мешаванд. Дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии ҶТ танҳо ҷараёни ворид намудани тағийру иловаҳо ба Конститутсия тариқи раъйпурсӣ сурат гирифтааст. Эҳтимол меравад, ки қонунгузор таъйиноти қабули ин намуди санади меъёрии ҳуқуқиро нисбат ба Конститусия муқаррар карда бошад. Пас бо истифода аз меъёрҳои умумии ҳамгироии қонунгузорӣ хуб мешуд, ки номгӯи масъалаҳое, ки мебоист тариқи қонуни раъйпурсӣ танзим карда шаванд, дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи раъйпурсӣ» мушаххас карда мешуд. Ё ин ки бо ишора ба масъалаҳои зикргардида мафҳуми қонуни ҶТ, ки бо роҳи раъйпурсӣ қабул карда мешаванд, дар қисми 1-и моддаи 15-ум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд: «Қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида санади меъёрии ҳуқуқиест, ки вобаста ба қабул ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз ҷониби шаҳрвандони ҶТ бо овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардида, масъалаҳои муҳимми ҳаёти давлатию ҷамъиятии ҷумҳуриро танзим мекунад»

5. Ба андешаи мо то ҳол дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мавқеи Кодекс аниқ набуда, заминаи баҳсҳои нави илмӣ шуда метавонад. Якум, дар моддаи 7-ум «Кодексҳо, конунҳои ҶТ» дар як банд ифода гаштаанд. Ин маънои онро дорад, ки Кодекс ва қонуни ҶТ аз нигоҳи қувваи ҳуқуқӣ бо ҳам баробаранд. Вале чунин меъёри пешкашшуда хилофи қонунгузории амалкунандаи кишвар аст, чунки, масалан, тибқи Кодекси граждании ҶТ ҳамаи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии соҳаи қонунугузории гражданӣ бояд мутобиқи ҳамин Кодекси гражданӣ бошанд (м. 2). Кодекси мурофиаи граждании ҶТ низ нисбат ба қонунҳои соҳаи мурофиаи гражданӣ нуфузи бештар дорад (м. 1 КМГ ҶТ). Маълум мешавад, тибқи қонунгузории амалкунанда, нуфузи кодекс аз қонун баландтар аст. Пас баробар кардани эътибори ҳуқуқии Кодекс ва қонун мувофиқи мақсад нест.

Дуюм, мавқеи Кодекс дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар адабиёти илмии ҷаҳонӣ айни ҳол низ мубоҳисавист. Фикри умумии муҳаққиқон оид ба ин масъала ин аст, ки кодексро як намуди қонуни одӣ (ё ҷорӣ) эътироф мекунанд. Аз ин хотир, табиист, ки нуфузи Кодекс аз Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ пасттар аст. Аммо замони пасошӯравӣ таносуби Кодекс ва қонун ба миён омад. Аз як тараф, агар Кодекс намуди қонуни одӣ бошад, пас байни онҳо тафовут набояд бошад. Вале аз тарафи дигар, қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон нуфузи баландтари Кодексҳоро нисбат ба қонунҳои одӣ эътироф намуд. Аз ин нуқтаи назар ва пеш аз ҳама бо назардошти асоси ҳоло мавҷудаи қонунгузорӣ (дар мисоли КГ, КМГ ва диг.) нуфузи кодекс аз қонунҳои соҳаи амали кодекс баландтар аст.

Аз ин рӯ, барои аз байн бурдан ё то ҳадди имкон пасттар намудани мубоҳисаи илмӣ дар м. 7 банди 5-ум тағйирот бо мазмуни истифодаи мафҳум ва истилоҳи «қонуни кодификатсионӣ» ворид карда шавад. Аз он дар адабиёти илмии имрӯза як қатор муаллифон (проф. А.С. Пиголкин, Ю.А. Дмитриев ва диг.) истифода мекунанд. Мафҳуми «қонуни кодификатсионӣ» аз нуқтаи назари илмӣ асоснок гаштааст, чунки кодекс аслан - санади кодификатсионист. Барои ҳамин онро «кодекс» (тарҷумааш - маҷмӯи конунҳо) меноманд. Ҳамзамон кодекс намуди қонун аст.

6. Таърифи Кодекс дар моддаи 17-и қонун боназардошти асосҳои зерин ба хусусиятхои Кодекс ишора намекунад. Якум, Кодекс санади меъёрии ҳуқуқии одӣ нест (мисли санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ). Кодекс ин санади мураттабгашта (кодификатсиягашта) мебошад. Тибқи хулосаи умумиэътирофгаштаи олимон Кодекс натиҷаи кодификатсия мебошад, дар натиҷаи муттаҳид намудани санадҳои меъёрии соҳаҳои муайян (бо тағйири мазмуни дохилии онҳо) омода мешавад.

Аз ҷониби дигар таносуби Кодекс аз қонун дар ин аст, ки Кодекс муносибатҳои ҷамъиятии якрангро (аз нигоҳи мантиқӣ бо ҳам алоқамандро дар соҳаи ҷиноят ва ҷазо, аҳдҳои гражданӣ, ухдадориҳои гражданӣ ва м.и.) бо истифода аз меъёрҳои мушаххас амиқ танзим мекунад. Меъёрҳои қонун чун қоида меъёрҳои бештар умумӣ (ё абстрактӣ) мебошанд. Меъёрҳои Кодекс бошанд, то ҳадди имкон фишурда ва мушаххас мебошанд. Аз ин рӯ, моддаи 17-уми қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «кодекс санади қонунгузории кодификатсионӣ аст, ки муносибатҳои ҷамъиятии якрангро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа амиқу мушаххас танзим мекунад».

7. Бо мақсади оммафаҳм гардонидани сохтори таркибии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хуб мешуд, ки моддаи 34-уми қонуни амалкунандаи ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба ду қисм тақсим карда шуда, баъзе аз талаботҳо ба монанди «зербанд», «қисм», «сархат» ва дигарон вобаста ба намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешуданд. Аз ҷониби дигар, сарфаҳм рафтани моддаи мазкур имрӯз дар таҷриба нофаҳмиҳои зиёдеро пеш меорад. Дар аксарияти мавридҳо мақоми ваколатдори соҳавӣ ҳангоми пешниҳоди хулосаҳо ба ин ё он лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба банд, зербанд ва қисм ишора карда мешавад ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, бахри боз ҳам возеҳ намудани мазмуни моддаи мазкур онро ба ду қисм тақсим кардан аз аҳамият холӣ нест. Ё ин ки талаботҳое, ки нисбат ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар



**Илҳом КАМОЛЗОДА**
**дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ**

моддаҳои 19-25 нишондодашуда, аз рӯи таркиб алоҳида дар қонун нишон дода шаванд.

8. Банди 10-и моддаи 34 бинобар сабаби нофаҳмо буданаш аз эътибор соқит дониста шавад. Ҳангоми шинос шудан бо он ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин модда ба мазмуни қонун умуман мутобиқат намекунад.

9. Дар банди 2-и моддаи 22 санадҳои Бонки миллӣ ба таври алоҳида қайд карда шудааст, ки хусусияти мубоҳисавиро дорад. Чунин навъи иртибот ба санадҳои бонки миллӣ аз он башорат медиҳад, ки ин санадҳо хусусиятхои алоҳидаи фарқкунанда аз санадҳои мақомоти дигар доранд. Аммо дар асл ин тавр нест. Чунки санадҳои Бонкӣ мисли қонун, фармони меъёрии Президент, қарори Ҳукумат ба санадҳои дигар намуди алоҳидаи санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, дорои нишонаҳои ба ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хос мебошад. Санади Бонки миллӣ мисли хама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ нишонаҳои дигари фарқкунанда надорад. Фаъолияти бонкҳо тибқи талаботи моддаи 53-и Кодекси гражданӣ дар асоси Оинннома ба роҳ монда мешавад ва мутаносибан ба он намуди санади меъёрии ҳуқуқии он мебоист дар Оинномаи бонк, ки ҳуҷҷати таъсисии он ба шумор меравад, нишон дода шавад.

Аз ҷониби дигар ҳангоми таърифи илмӣ нишонаҳои умумии як мафҳум ба назар гирифта мешаванд. Масалан, маълум аст, ки қонун аз дигар санадҳои меъёрӣ бо нишонаҳои хусусияш (эътибори баланди ҳуқуқӣ, тартиби махсуси қабул ва м.и.) фарқ дорад. Фармонҳои меъёрии Президент низ хусусиятҳои вижа доранд. Умуман, ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ дорои нишонаҳои хусусист ва маҳз дар ҳамин замина (яъне дар робита бо хусусиятҳои вижаашон) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба намудҳои алоҳида ҷудо карда шуда, низоми муайянро ташкил медиҳанд. Агар чунин хусусиятҳои вижа намебуданд, пас табиист, ки ҳоҷат ба таснифи ин санадҳо намебуд. Аз ин хотир, ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ дорои нишонаҳои хос буда, ҳангоми таърифи умумии онҳо сарфи назар мешаванд, аниқтараш дар доираи нишонаҳои умумии санади меъёрии ҳуқуқӣ муттаҳид карда мешаванд. Аз ин рӯ пешниҳод карда мешавад, ки аз банди 2-и моддаи 22 ибораи «Бонки миллии Тоҷикистон» бардошта шавад.

# БЕ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МАВОДИ



**Далер ҚОДИРЗОДА
аспиранти Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқи Москва ба
номи О. Е. Кутафин**

**Пайдоиш, инкишоф ва паҳншавии воситаҳои нашъадор дар олами органикии растаниҳо таърихи хеле қадим дошта, дарк намудани он ҳамчун падидаи номатлуб ва ба ҷамъият хавфнок ин ба пайдоиш ва ташаккулёбии аввалин давлатҳо алоқаманд мебошад. Воситаҳои нашъадор дар аввал ҳамчун «растанӣ» бе коркарди кимиёвӣ мавриди истифода ва истеъмол қарор мегирифт. Истифода ва истеъмоли он бошад, бо мақсадҳои гуногун сурат мегирифт. Масалан, дар тибб, барои дилхушӣ, варзиш ва монанди инҳо. Истифодаи бемаҳдуд ва бемайлони воситаҳои нашъадор, аз як тараф ба бемории шадиди табобатнашаванда оварда расонд ва аз тарафи дигар, сабаби халалдор сохтани ҳукмронии давлатҳои навтаъсис гардид.** Аз ин рӯ, зарурияти истифодабарии маҳдуди он ба миён омад ва воситаҳои нашъадор ба объекти батанзимдарории давлатӣ мубаддал гашт.

Дар замони муосир қариб 90 дарсади давлатҳои дунё таъсири бад ва зишти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳоро дарк намуда, истифодаи онро ҳамчун вабои аср хонда, нисбат ба ҳама намудҳои муносибаташ муборизаи беамон мебаранд.

ҶТ низ ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳимоя аз манфиатҳои волои худ намуда, сиёсати давлатиро дар ин ҷода ҳар замон тақвият дода, муборизаи беамон бурда истодааст. Ин аст, ки аксарияти ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз минбарҳои баланди СММ садо медиҳанд, аз тарафи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои абарқудрат мавриди дастгирӣ қарор меёбанд.

Конвенсияи байналмиллалӣ бар зидди воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тамоми намуди ғайриқонунии муомилот ба муносибатро ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ манъ намудааст. Масалан, моддаи 3-и Конвенсияи мазкур ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додан, парвариш, тасарруф, ва моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро қатъиян манъ намудааст. Конвенсияи номбурда соли 1988 қабул шудааст ва зиёда аз 100 давлати дунё аъзои он мебошад.

**Мутаассифона баъзе давлатҳои дунё муомилоти баъзе намудҳои воситаҳои нашъадорро иҷозат додаанд, ҳол он ки онҳо шомили конвенсияҳои байналмилалӣ марбут ба воситаҳои нашъадор мебошанд. Ман чунин мешуморам, ки ин ҳаракати давлатҳо вайронкунандаи меъёрҳои байналмилалии зиддимухаддиротӣ мебошад.**

Мо метавонем якчанде аз ин давлаҳоро номбар карда, сиёсати ноодилонаашонро нисбати «захри қотеъ» - маводи мухаддир мавриди барасӣ қарор диҳем: ИМА, Австралия, Аргентина, Белгия, Британияи Кабир, Германия, Канада, Мексика, Нидерландия, Чехия ва ғайраҳо.

**АВСТРАЛИЯ.** Қонунгузорӣ барои муомилотӣ маводи мухаддири навъи бангдона дар ҳама Штатҳояш якхела намебошад. Дар Австралияи Ғарбӣ барои нигоҳдошт ва истеъмоли миқдори муайяни бангдона ҷавобгарӣ пешбинӣ нашудааст (то ду ниҳоли бангдона). Дар наздикиҳои маркази Австралия бошад, то 25 грамм нигоҳдошти бангдона иҷозат дода шудааст. Аз миқдори пешбинишуда зиёд нигоҳ доштани чунин мавод танҳо ҷавобгариро дар намуди ҷарима пешбинӣ мекунад.

Дар Австралияи Ҷанубӣ, Уэлси Ҷанубии Нав ва Тасмани ҳатто барои нигоҳдошти ҳашиш он қадар муносибати ҷиддӣ дода нашудааст.

**АРГЕНТИНА.** Соли 2009 Суди Олии Аргентина моддаи (меъёри) вобаста ба нигоҳдошти миқдори ками марихуанаро аз Кодекси ҷиноятии Аргентина хориҷ намуд. Ҳол он ки қабл аз ин Кодекси ҷиноятии Аргентина барои истеъмол ва нигоҳдошти бангдона ва сигор санксияро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ барои то ду сол муқаррар намуда буд.

**БЕЛГИЯ.** Дар соли 1998 Қарор «Дар бораи воситаи нашъадори навъи бангдона» қабул гардид, ки онро ба гурӯҳи маводи мухаддири камтаъсиркунанда шомил намуд. Айни ҳол дар таҷриба истеъмоли бангдона аз тарафи шахсони болиғ бехатар шуморида шуда, истеъмоли он танҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ мебошад. Нигоҳдошти бангдона зиёда аз 3 грамм ҷавобгариро ба миён меоварад. Истифодаи бангдона бо мақсадҳои тиббӣ иҷозат дода шудааст.

**БРИТАНИЯИ КАБИР.** Соли 2002 қарор «Дар бораи гузаронидани бангдона аз синфи «Б» ба синфи «С» қабул гардид. Ин қарор маънои онро дорад, ки минбаъд барои соҳиб шудан ва истеҳсоли миқдори ками воситаҳои нашъадори гурӯҳи бангдона ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён намеояд. Ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад, қонунгузорӣ ҳуқуқ додаст, ки шахсро барои истеъмоли маводи мухаддир дар ҳузури кӯдак ва ноболиғ дастгир намуда, ба мақомот дастрас намоянд.

**ОЛМОН.** Барои нигоҳдошт ва истеъмоли бангдонаи махсусгардонидашудаи тиббӣ дар баъзе аз федератсияҳояш иҷозат дода шудааст. Миқдори нигоҳдошти он набояд аз 5 грамм зиёд бошад. Аз соли 2007 ин ҷониб як қатор муштариёни беморхона иҷозат барои истеъмоли воситаи нашъадори навъи бангдонаро гирифтанд.

**КАНАДА.** Соли 2001 барои истеъмоли бангдона иҷозат дода шуд. Дар Канада парвариш ва истеъмоли бангдона қонунӣ аст, аммо шахс уҳдадор аст, барои истеъмол намудан иҷозати махсуси давлатиро оид ба бемор буданаш гирад. Иҷозат танҳо барои беморони табобатнашаванда дода мешавад. (СПИД, фаромӯшхотирӣ, РАК ва ғ.).

**МЕКСИКА.** Моҳи августи соли 2009 Қонунгузории Мексика муомилоти як қатор воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро иҷозат дод. Масалан, барои нигоҳдошт ва интиқоли 2 грамм афюн, 50 миллиграмм героин, 5 грамм бангдона, 500 миллиграмм кокаин, 40 миллиграмм метафентамин ва 0,015 миллиграмм лизергид (ЛДС) ҷавобгарӣ пешбинӣ нашудааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки шахс аз миқдори муайяннамудаи қонунгузорӣ зиёд истифода мекунад. Дар дигар мавридҳо вайрон намудани қонунгузорӣ чораҳои профилактикиро ба миён меоварад.

**НИДЕРЛАНДИЯ. Яке за давлатҳое мебошад, ки дар он воситаҳои нашъадор ба ду гурӯҳ тақсим шудааст. Ба гурӯҳи аввал воситаҳои нашъадори камтаъсир (сабук) дохил мешаванд (банг, кукнор, афюн, ҳашиш ва ғ.). Ба гурӯҳи дуюм бошад, воситаҳои нашъадори сахттаъсир (вазнин) (героин, кокоин, экгонин) шомил мегарданд. Барои нигоҳдошти гурӯҳи якум то 30 грамм иҷозат дода шудааст. Барои гурӯҳи дуюм бошад, ҷавобгарии сангин пешбинӣ гардидааст.**



# МУХАДДИРРО НЕСТ КАРДА НАМЕШАВАД!




**ИМА. Дар ИМА 6 ноябри соли 2016 овоздиҳӣ барои интихоби президенти оянда, инчунин референдум барои қонунигардонии никоҳи ҳамҷинсон ва муомилоти бангдона гузаронида шуд. Дар натиҷи референдум дар штати Колорадо ва Вашингтон муомилоти озоди воситаи нашъадори навъи бангдона қонунӣ гардонида шуд. Аз рӯйи қоидаҳои нав бошандагони Колорадо ва Вашингтон ҳуқуқ доранд то 28,3 грамм бангдонаро дар муҳлати муайян ва бо мақсадҳои шахсӣ истифода баранд. Воситаи нашъадори навъи бангдонаро ба монанди нушокиҳои спиртӣ танҳо шаҳрвандони 21 сола метавонанд истифода баранд. Ҳамин тавр, айни ҳол дар 17 штати ИМА истифодаи воситаи нашъадори навъи бангдона бо мақсадҳои тиббӣ иҷозат дода шудааст. Аз рӯйи хулосаҳои иқтисодчиён маблағҳои андоз аз рӯйи қонунигардонии воситаи нашъадори навъи бангдона дар 5 соли наздик 2 миллиард доларро ташкил медиҳад.**

**ЧЕХИЯ.** Моҳи январи соли 2010 аз ҷониби ҳукумати Чехия фармон «Дар бораи нигохдошти миқдори ками воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» қабул гардид. Дар асоси ин фармон шаҳрвандони Чехия метавонанд чунин миқдорҳои воситаҳои нашъадорро нигоҳ доранд: 15 грамм бангдона, 5 грамм ҳашиш, 1,5 грамм героин, 1 грам кокаин, 2 грамм первитин.

Мақсад аз таҳлилҳои боло дар он буд, ки дар ҳолати иҷозат додан барои муомилоти ин ё он намуди воситаҳои нашъадор - ин ба мураккаб гардидани ҷараёни мубориза бар зидди маводи мухаддир оварда мерасонад. Ҳол он ки муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ин ҷинояти трансмиллӣ ва киберҷиноят буда, дар 80% ҳолатҳо бо шумораи зиёди иштирокчиён содир мешавад. Таҷриба нишон додааст, ки содиркунандагони ҷинояти мазкур шаҳрвандони давлатҳои гуногун мебошанд, яъне ин ҷиноят танҳо аз ҷониби шаҳрванди ЧТ содир карда намешавад.



Дар Конвенсияи СММ «Дар бораи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонуни воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» омадааст, ки: «аъзоёни конвенсияи мазкур бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ҳамкорӣ мекунанд…..». Вақте, ки давлат муомилоти маводи мухаддирро қонунӣ гардонд, алакай, ин аз ҳамкорӣ накарданаш дар ин ҷода шаҳодат медиҳад. Яъне ин амал гувоҳи он аст, ки давлати мазкур хоҳишманди мубориза бурдан бар зидди ин вабои аср нест.

Масъалаи дигари муҳиме, ки мехоҳам каме равшанӣ андозам, сол аз сол зиёд шудани кишти воситаҳои нашъдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад, ки ин ҳам нақши манфӣ дар сиёсати зиддимухаддиротии ЧТ мегузорад.

Афғонистон яке аз кишварҳои асосии содиркунандаи воситаҳои нашъадор ба ҳисоб рафта, ҳамчун тавлидкунандаи 93%-и воситаҳои нашъадори сахтаъсири героин дар ҷаҳон шуморида мешавад. Тӯли чандин солҳост, ки ин мамлакат бо героини худ машҳур аст ва ҳамеша харидору паҳнкунандаи худро дар бозори сиёҳи воситаҳои нашъадор меёбад.

Дар соли 2015 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ЧТ 4 тонну 676 кг маводи нашъадор мусодира намуданд, ки аксарияти онҳо аз Афғонистон ба Тоҷикистон ворид шудаанд, ё қасди воридкуниро кардаанд. Ҳамчунин дар соли 2015 25 шаҳрванди Афғонистон дар дохили ЧТ дастгир шудаанд, ки аз онҳо 433 кг воситаҳои нашъадор мусодира шудааст.

**Ин факту рақамҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Афғонистон мубориза бар зидди маводи мухаддир хуб ба роҳ монда нашудааст. Вале ЧТ ҳамеша мубориза беамонро нисбати чунин қочоқчиёни маводи мухаддир мебарад. Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки дар ҳамсоягии мо қарор дорад бо ЧТ дар ҳама ҷодаҳо ҳамкории зич дорад, махсусан дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор. Вале мутаассифона аз шабакаи интернетӣ дида мешавад, ки Сафири мухтори Афғонистон дар Федератсияи Русия ин дӯстию ҳамкории зичро дар ҷодаи сиёсати зиддимухаддиротӣ нодида гирифта, факту далелҳои бардурӯғу бесарчашмаро баён намуд, ки ба шаъни намояндаи ҳамзабону ҳамфарҳанг рост намеояд. Дар шабакаи дигари интернетӣ дида мешавад, ки як журналисти мустақил, ки миллаташ афғон буд, гуфтаҳои сафиро ғалат хонда, ба ҷойи он аз кулли мардуми Тоҷикистон бахшиш пурсидаст ва як суруд дар бораи Тоҷикистон дар иҷрои Нигинаи Амонқул гузошаст, ки кулли истифодабарандагони сомонаҳои иҷтимоӣ истиқболаш карданд. Акнун саҳми як журналист ва сафири расмиро дар таҳкими муносибатҳои дипломатии миёни ду кишвар ба муқоисаи хонандаи азиз ҳавола мекунам.**

Бояд гуфт, ки назорати қатъии воситаҳои нашъадор мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Президент ва Ҳукумати ЧТ қарор дорад. Дар ҳоле ки дар баъзе давлатҳо қонунҳои алоҳида оид ба иҷозат додани маводи мухаддир барои истифода ва истеъмол қабул мешавад, Ҳукумати ЧТ стратегияву барномаҳои гуногун қабул намудааст, то ки ин амали нангини ҷинояткоронро аз байн барад. Масалан, дар ин бахш «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ЧТ барои солҳои 2013-2020», ки бо Фармони Президенти ЧТ аз 13 феврали соли 2013, №1409 тасдиқ шудааст, қабул гардида, андешаҳои моро боз ҳам таҳким мебахшад.

# ПАЁМ – РОҲНАМО БА СӮИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА


Ситора РИЗОЕВА
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Ҷаҳони муосир бо ҷаҳонишавӣ ва ҳама тазодҳояш дар сарнавишти ҷаҳониён нақши таърихии бузург дорад. Тоҷикистони соҳибистиқлол чун узви фаъоли ҷомеаи башарӣ дар барраси ву ҳалли таҳаввулотҳои муосир саҳми арзанда мегузорад. Ин мавқеъ ва обрӯву эътибори умумибашарии Тоҷикистони азиз ба фаъолият, ибтикорот ва сиёсати дохилию берунии бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаи ногусастанӣ дорад. Маҳз ҳамин сиёсати дурандешона ва башардӯстонаи Пешвои миллатамон мардуми моро ба ҷаҳониён чун мардуми соҳибтамаддун ва кӯҳанбунёд муаррифӣ намуд. Пешниҳоду ташаббусҳои Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон торафт ҳамфикрону тарафдорони худро пайдо менамояд, ки ин аз сиёсати дурандешонаю башардӯстонаи роҳбарияти олии мамлакат гувоҳӣ медиҳанд. Мухимтарин ва хотирмонтарин дастоварди ин давраи тақдирсози таърихӣ барои халқи тоҷик таҳкими пояҳои Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ мебошад. Ин дастоварди таърихӣ роҳнамои тамоми кору фаъолияти халқи тоҷик дар тӯли даҳсолаҳои дигар хоҳад буд.

Басо хурсандибахшу мантиқист, ки оғоз то анҷоми Паёми навбатии Пешвои миллат фарогирандаи чунин арзишҳое чун истиқлолият, сулҳу ваҳдати миллӣ буд. Инчунин дар Паёми худ Сарвари давлатамон ҷавонон ва мавқеъю манзалати онҳоро ҳамчун қувваи бузурги ояндасоз муаррифӣ намуда иброз доштанд, ки: «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад».

Бале, ин дуруст аст, ки дар ҶТ ҷавонон аксарияти аҳолиро ташкил дода, имконияти бунёди ояндаи ҷомеа маҳз аз ҷавонон вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, Президенти кишварамон ҷавононро ба сифати ҳимоякунандаи марзу буми Ватан аз хатарҳои дохила ва беруна – чун сарбозони содиқ, инчунин бунёдкунандаи иншоотҳои ҳаётан муҳим, истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ, идомадиҳандаи насли инсонӣ ва қувваи ҳушёру эҷодкор мешиносанд ва эътироф менамоянд. Чунки, имрӯз ҷаҳониён иқтидори мамлакату миллатҳоро чун пештара аз рӯи мардуми худогоҳу худшинос, донишманд қадр намуда, мешиносанд. Дар ин замина ба масъалаҳои мактабу маориф ва ҷавонон таваҷҷуҳи хос зоҳир кардани Пешвои миллат талаботи ҷаҳони муосир аст.

Тавре дар Паёми Пешвои миллат таъкид шудааст: «Дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумат ба баланд бардоштани сифати рушди неруи инсонӣ нигаронида шуда, ба масъалаҳои илм, маориф... диққати ҷиддӣ дода мешавад ва дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин тадбирҳо Тоҷикистон дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ мегардад».

Дар Паём оварда шудааст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ «Дар соҳаи маориф зиёда аз 2500 муассисаи таълимӣ... бунёду азнавсозӣ гардида, онҳо бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири таълимӣ... таъмин карда шуданд». Дар солҳои 2008-2015 оид ба сохтмон, таъмир, азнавсозии мактабҳо дар соҳаи маориф бештар аз 800 муассисаи таълимӣ ба маблағи умумии 600 миллион сомонӣ сарф карда, бунёд карда шуд. «Фақат соли 2016 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 201 бинои таълимӣ ба маблағи 540 миллион сомонӣ бунёд ва азнавсозӣ гардида, 39 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шуд», ки худ гувоҳи таваҷҷуҳи беназири Ҳукумат ба ин соҳаи сарнавиштсоз мебошад.

Таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба соҳаи маориф ва ҷавонон дар он зоҳир мегардад, ки дар ин давра теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар 3 баробар (аз 13 ба 39) ва шумораи донишҷӯён 2,5 баробар (аз 70 ҳазор ба 170 ҳазор нафар) афзудааст. Имрӯзҳо бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат ҳазорон ҷавондухтарон тибқи квотаи Президентӣ аз деҳот ба мактабҳои олӣ қабул шуда, соҳиби донишу маълумот гардиданд. Ва ҳоло низ дар хориҷ ва дохили кишвар аз ҳисоби квотаи давлатӣ таҳсил мекунанд, бо донишҳои муосир мусаллаҳ мешаванд ва дар оянда барои пешрафти Ватанамон хизмат хоҳанд кард. Хушбахтона, ин раванд бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат пайваста густариш меёбад.

Бо назардошти ҳамаи ин ва боз ҳам тақвият бахшидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат қайд намуданд: «Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар ҶТ Соли ҷавонон эълон карда шавад».

Аз ин хулоса бояд кард, ки Паёмҳои сарвари давлатамон муждаи меҳварӣ буда, омили такондиҳанда ва пешбарандаи дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошад. Зеро ҷалби неруи ҷавонон дар раванди бунёду таҳкими Ватани соҳибистиқлол, дилгармиву ҳавасмандӣ ва дар роҳи садоқатмандӣ камол ёфтани ҷавонони тоҷик мебошад. Паём кулли соҳаҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ ва ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакатро дар тӯли 25 сол мавриди баррасии амиқ қарор додааст ва аз ҷониби хурду калони мардуми кишвар бо самимият истиқбол гардидааст. Дар асоси ин метавон гуфт, ки ҳошияи Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кулли мардуми Тоҷикистон роҳнамоест дар роҳи расидан ба зиндагии шоиста ва арзанда.

# ТАШАББУСҲОИ ҶТ ДАР АМАЛӢ НАМУДАНИ «ДИПЛОМАТИЯИ ОБ»


Наҷибулло ОҚИЛЗОДА
сармутахассиси котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ

Дастовард ва рӯйдоди таърихие, ки ҶТ-ро бори дигар дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд, дар интиҳои соли 2016 номаи табрикотии Дабири кулли СММ ба муносибати қабули қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 мебошад. Ин хушхабар рӯзи 22 декабри соли 2016 манзур ёфт, ки ташаббуси Тоҷикистонро зиёда аз 190 кишвари дунё дастгирию ҷонибдорӣ намуданд. Дар номаи табрикотии худ Раиси Маҷмаи Умумии СММ Питер Томсон ба Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки даҳсолаи нав дар таҳким ва мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об қадами муҳим мешавад. Даҳсолаи мазкур инчунин барои вусъатбахшии дастовардҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 мусоидат хоҳад кард. Даҳсолаи нав дар татбиқи иқдомҳои дигари марбут ба захираҳои об мусоидат карда, метавонад дар ҳалли мушкилоти имрӯза ва оянда, ки зимни татбиқи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ба миён меоянд, нақши назаррасро бозад.

Аз ин ҷост, ки ташаббусҳои байналмилалии ҶТ дар СММ дар соҳаи об бори чорум иқдом гардида, бо доир намудан ва иштирок дар форуму конфронсҳои сатҳи баланд метавон Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун созмондиҳандаи «дипломатияи об» эътироф кард.

Ҳукумати Тоҷикистон пайваста дар ин соҳаи муҳим ва стратегӣ корҳои назаррас анҷом додааст, ки Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳоҷиши офатҳои вобаста ба об дар соли 2008 дар шаҳри Душанбе мисоли он ба ҳисоб меравад. Ин ҳамоиши муҳимми байналмилалӣ бомуваффақият баргузор гардид ва обрӯю эътибори давлату миллатро боло бурд. Зимни иҷлосияи 63 Маҷмаи Умумии СММ Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муроҷиат ба ҳамаи давлатҳои аъзои СММ, созмонҳои байналмилалӣ доир ба таъсис додани гурӯҳи тахассусӣ ё комиссияи СММ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти вобаста ба ҳалли мушкилоти ҳавзаи баҳри Арал баромад карда, лоиҳаи қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ «Оид ба додани мақоми нозир ба Бунёди байналмилалии наҷоти Арал дар Маҷмааи Умумии СММ»-ро пешниҳод намуд, ки дар ин иҷлосия дастгирӣ ёфт ва қабул гардид. Илова бар ин, бо ташаббуси Тоҷикистон, Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт - 2005-2015», соли 2010 қатъномаи нави Маҷмааи Умумии СММ – «Соли байналмилалии ҳамкориҳо оид ба об – 2013» қабул гардид. Эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об 20 декабри 2010 эълон гашт. Тибқи ташаббуси мазкур 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар натиҷа як қатор санадҳои зарурӣ аз қабили, Эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об Барномаи амали Конфронси Душанбе дар соҳаи об қабул гардиданд.

Иҷлосияи 69 Маҷмаи Умумии СММ 22 марти 2015 дар шаҳри Ню-Йорк ва Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 санаҳои 9-11 июни 2015 дар шаҳри Душанбе нақши арзандае бозиданд.

Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии ҶТ 22 декабри соли 2016 иброз доштанд, ки «ҶТ дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидааст. Имрӯз кишвари мо барои дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ намудани пешниҳоди Тоҷикистон дар бораи эълон намудани Даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор» ҷиддӯ ҷаҳд менамояд. Дар ин ҷода мусоидат ба татбиқи фарогири Даҳсолаи мазкур, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон ва бо иттифоқи оро чанд лаҳза пеш аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ эълон гардид, яке аз вазифаҳои муҳими давраи наздик ба шумор меравад». Бо ин мақсад барои татбиқи Даҳсолаи нав ҶТ бояд фаъолияти тамоми сохторҳои марбути минтақавӣ ва байналмилалии соҳаи обро фаъол гардонида, шарикӣ ва ҳамгироии онҳоро ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Даҳсолаи дигар тақвият бахшад.

Тавре таъкид гардид, барои расидан ба ин ҳадафҳо дар Консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 27 январи соли 2015 тасдиқ шудааст, оид ба «Дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об» вобаста ба масъалаи «афзоиши аҳолӣ, тасеаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳити зист, масъалаи норасоии оби тоза, бахрабардорӣ аз рӯдҳои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба об ба омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд, ки Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. Ба хусус, дар сатҳи минтақавӣ идомаи ҳамкориҳои созанда дар доираи Бунёди байналмилалии наҷоти Арал муҳим арзёбӣ мегардад», ки ҶТ бо принсипҳои накуҳамсоягӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ин самт, сиёсати худро ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ менамояд.

Тавре маълум аст, бо ташаббусҳои ҷаҳонии худ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон, иштироки кишвари моро дар ҳамоишҳои марбут ба об дар ҷаҳон таъмин намуд.

Қобили тазаккур аст, ки дар тақвият ба гуфтаҳои боло вазири корҳои хориҷии ҶТ Сироҷиддин Аслов дар мусоҳиба бо хабаргузории АМИТ «Ховар» иброз дошт, ки: «Дар пайи ташаббусҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об ба батадриҷ мафҳуми дипломатияи об ба сатҳи амалӣ баромад. Ин нуқта ба ҷаҳониён собит шуд, ки ғояи дипломатияи об аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дошта, роҳандозии технологияҳои нави гуфтушунидеро тақозо мекунад, ки ба анҷоми муваффақонаи ихтилофу мунокишаҳо оид ба идора ва истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ мусоидат намоянд. Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об то имрӯз ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин амр дар болоравӣ ва вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст». Ин аст, ки имрӯз Ҷумҳурии моро барои баррасиву масъалагузории вобаста ба об ва роҳандозии ҳамкориҳо дар ин соҳа яке аз ташаббускорони дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об мешиносанд.

# ҶАРАЁНИ РӮБАРӮКУНӢ

**Гузаронидани ҳаракати тафтишотии рӯбарӯкунӣ, мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, на ӯҳдадорӣ, балки ҳуқуқи муфаттиш аст!**



**КАСИРЗОДА Б.С. сардори шуъбаи тафтишотии прокуратураи ҳарбии гарнизони Душанбе, капитани адлия**

Гузаронидани ҳаракати тафтишотии рӯбарӯкунӣ яке амалҳои тафтишотӣ буда, нахуст аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (минбаъд КМҶ ҶТ) сарчашма мегирад.

Бо вуҷуди талаботи умумие, ки зимни гузаронидани ҳамаи ҳаракатҳои тафтишотӣ бояд риоя карда шаванд, ҳар як амали тафтишотӣ дорои тартиб ва усулҳои тактикии хоси худ мебошад.

Мувофиқи моддаи 204 КМҶ ҶТ муфаттиш ҳуқуқ дорад, ки ду шахси қаблан пурсишшударо, агар дар нишондоди онҳо мухолифати ҷиддӣ вуҷуд дошта бошад, рӯбарӯ кунад.

Пеш аз оғози рӯбарӯкунӣ муфаттиш ба иштирокчиёни ин амал ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон, ҳамчунин тартиби ба ҷо овардани ин амали тафтиширо мефаҳмонад. Агар рӯбарӯкунӣ бо иштироки шоҳид ва ҷабрдида гузаронида шавад, онҳо дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ намудан аз додани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳ карда мешаванд ва дар ин бобат дар протокол қайд карда мешавад.

Муфаттиш аз шахсоне, ки дар байни онҳо рӯбарӯкунӣ сурат мегирад, мепурсад, ки оё онҳо ҳамдигарро медонанд ё не ва ба ҳамдигар чӣ гуна муносибат доранд. Ба иштирокчиён бо навбат пешниҳод карда мешавад, ки оид ба муайян кардани ҳолатҳои рӯбарӯкунӣ нишондод диҳанд. Баъди додани нишондод муфаттиш метавонад ба ҳар кадоме аз пурсишшавандагон савол диҳад. Шахсоне, ки бо ҳамдигар рӯбарӯ карда мешаванд, метавонанд бо иҷозати муфаттиш ба якдигар саволҳо диҳанд. Дар ин бобат дар протокол қайд карда мешавад.

Ҳангоми рӯбарӯкунӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад, ки далелҳои шайъӣ ва ҳуҷҷатҳои ба парванда дохил кардашударо нишон диҳад.

Хонда додани нишондоди иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ, ки дар протоколҳои пурсишҳои пешина мавҷуданд, ҳамчунин шунавонидан ва намоиш додани сабти овозӣ ва видеоии нишондоди мазкур танҳо баъди аз тарафи онҳо дода шудани нишондод дар вақти рӯбарӯкунӣ ва сабти онҳо дар протокол мумкин аст.



Дар протоколи рӯбарӯкунӣ нишондоди шахсони пурсишшаванда бо ҳамон навбат сабт карда мешаванд, ки онҳо нишондод додаанд. Ҳар як иштирокчии рӯбарӯкунӣ нишондоди худ ва ҳар як саҳифаи протоколро дар алоҳидагӣ имзо мегузорад.

Агар муқаррар карда шуда бошад, ки рӯбарӯкунии айбдоршаванда бо ҷабрдида ва шоҳид метавонад ба шоҳид ва ҷабрдида зарар расонад ё онҳоро тарсонад, рӯбарӯкунӣ бояд истисно карда шавад.

Аз рӯи моҳияти худ, гарчанде рӯбарӯкунӣ як шакли махсусгардонидашудаи пурсиш бошад ҳам, вале онро пурра бо пурсиш шабоҳат додан мумкин нест. Ин ҳаракати тафтишотӣ як қатор хусусиятҳои фарққунандаи худро дорост. Пеш аз ҳама, рӯбарӯкунӣ дар байни шахсоне гузаронида мешавад, ки қаблан бо ин парвандаи ҷиноятӣ пурсида шудаанд. Илова бар ин, рӯбарукунӣ аксаран дар мавриде гузаронида мешавад, ки агар шахсияти рӯбарӯшавандагон барои якдигар муайян бошанд. Масалан, агар нишондоди як тараф нисбати шахсе бошад, ки ӯ танҳо ном ва ё лақаб (тахаллус)-ашро медонад ва он шахс на танҳо ҳолати дар нишондоди худ овардаи шахси дигар, ҳатто бо якдигар умуман шинос буданашонро инкор кунад, он гоҳ аввалан, ин шахс барои шинохтан пешниҳод карда шавад, дар сурати ноил шудан ба натиҷаи мусбат, ки яқин сухан маҳз дар бораи ин шахс меравад, баъд рӯбарӯкунӣ бояд гузаронд. Чунки дар вақти рӯбарӯкунӣ, он талаботе, ки қонунгузор нисбати ҳаракати тафтишотии нишондиҳӣ барои шинохтан муқаррар кардааст, вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, агар дар вақти гузаронидани рӯбарӯкунӣ, яке аз тарафҳо нишондод диҳад, ки ӯ дигар шахсро дар назар доштааст аз нишондодҳои қаблан додаи худ даст мекашад, ин нишондодҳо аҳамияти худро гум мекунанд ва пас аз ин гузаронидани ҳаракати тафтишотии нишондиҳӣ барои шинохтан ғайриимкон аст.

Муқаррароти қонун чунин мазмунро дорад, ки агар имконияти бартараф кардани мухолифату зиддият дар нишондодҳо бо дигар воситаҳо мавҷуд бошад, (масалан, бо роҳи пурсиши иловагӣ), муфаттиш метавонад ин воситаҳоро истифода намуда, рӯбарӯкуниро нагузаронад ва баръакс, бо вуҷуди мавҷуд будани имконияти бо дигар роҳу воситаҳо бартараф кардани мухолифатҳои ҷиддӣ дар нишондодҳои пурсишшудагон, муфаттиш метавонад, гузаронидани рӯбарӯкуниро интихоб кунад.

Инчунин, гузаронидани рӯбарӯкунӣ метавонад бо дархости иштирокчиёни мурофиа (гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоячӣ ва ғ.), ё бо дастури хаттии прокурор сурат гирад.

Шарти муҳимми гузаронида шудани рӯбарӯкунӣ ин аст, ки дар нишондодҳо бояд ҳатман мухолифати ҷиддӣ мавҷуд бошад. Мухолифати ҷиддӣ ҳолатҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба предмети исботкунӣ дахл доранд ё ин ки барои баҳодиҳии далелҳо муҳиманд.

Рӯбарӯкунӣ бояд байни на зиёда аз ду нафар гузаронида шавад.

Пас аз муайян кардани шиносоӣ ва муносибати байни иштирокдорони рӯбарӯкунӣ, муфаттиш ба баррасии ҳолатҳои баҳснок, ки боиси гузаронидани рӯбарӯкунӣ гардидаанд, шурӯъ мекунад ва ба ҳар кадоме аз иштирокдорон, бо навбат, пешниҳод мекунад, ки дар хусуси ин ҳолатҳо нишондод диҳанд.

Дар таҷрибаи корӣ чунин ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки муфаттиш бинобар боварии комил доштанаш, ки яке аз иштирокдорони рӯбарӯкунӣ, ҳангоми гузаронидани он низ нишондодҳои қаблан додаашро такрор мекунад, пешакӣ он нишондодҳоро дар протокол сабт карда, барои гузаронидани рӯбарӯкунӣ тайёр мешавад, ки ин хилофи талаботи қонунгузории мурофиавӣ аст. Хонда додани нишондодҳои иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ, ки дар пурсишҳои қаблӣ додаанд, инчунин шунавонидан ва ё нишон додани сабтҳои ин нишондодҳо, танҳо пас аз пурсиши онҳо дар вақти рӯбарӯкунӣ ва дар протокол дарҷ гардидани ин нишондодҳо мумкин аст. Лекин дар як ҳолат мумкин аст, ки нишондоди қаблан додашуда хонда дода шавад, сабти он шунавонида ва ё навори он нишон дода шавад. Ин ҳам бошад, дар ҳолате ки як тарафи рӯбарӯкунӣ аз додани нишондод саркашӣ кунад.

Муфаттиш пеш аз гузаронидани рӯбарӯкунӣ, чун дигар ҳаракатҳои тафтишотӣ, бояд тайёрии ҳаматарафа бинад, яъне нишондодҳои шахсонеро, ки байнашон рӯбарӯкунӣ гузаронда мешавад, пешакӣ омӯхта, зиддият ва ҳолатҳои баҳснокро муайян карда, саволнома тайёр кунад. Муфаттиш бояд вазъиятро хуб дарк намояд то ин ки мабодо ин рӯбарӯкунӣ боиси аз даст додани далелҳо нагардад. Мақсади гузаронидани рӯбарӯкунӣ ин танҳо бартараф кардани мухолифатҳо дар нишондодҳо нест, балки мақсади асосии рӯбарӯкунӣ чун дигар ҳаракатҳои тафтишотӣ ин пеш аз ҳама ҷамъ овардани далелҳо барои исбот кардани гуноҳи айбдоршаванда ё бегуноҳии ӯ, кушодани ҷиноят ва фош кардани дигар шарикони ҷиноят мебошад.

Вобаста аз вақт, макон ва давомияти рӯбарӯкунӣ он талаботе, ки барои пурсиш ва ё марбут ба вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни ҳаракати тафтишотӣ муқаррар шудааст, бояд риоя карда шавад. Масалан, шоҳид бояд дар хусуси муқаррар шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гувоҳии бардурӯғ ва ё нахостани додани нишондод бо моддаҳои 351 ва 352 КҶ ҶТ огоҳонида шавад.

Ҳамин тариқ, дар вақти гузаронидани рӯбарӯкунӣ бояд талаботе, ки КМҶ ҶТ муқаррар намудааст, риоя карда шавад. Бояд дар ёд дошт, ки ҳеҷ як далели бидуни риояи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба даст овардашуда, эътибори қонунӣ надорад.

Риояи аниқ ва бемайлони талаботи қонун марбут ба гузаронидани ин ё он ҳаракати тафтишотӣ бошад, гарави таъмини тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва объективонаи парванда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

# ЁДАТ БА ХАЙР, УСТОДИ АЗИЗ!



Сад дареғ, ки санаи 29-уми январи соли 2017 дар синни 80-солагӣ қалби яке аз олими намоёну накукор, инсони шарифу ғамхор, марди беозору хоксор, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ Ҷабборов Раҳмон Ҷабборович аз тапидан боз монд.

Устоди равоншод Ҷабборов Раҳмон Ҷабборович 2-юми сентябри соли 1937 дар деҳаи Кӯҳдараи ноҳияи Ленин (ҳозира ноҳияи Рӯдакӣ) таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1955 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) дохил шуда, овони донишҷӯии худро ҳамчун ҷавони фаъолу боинтизом, ҷиддию масъулиятнок ва серғайрату намуна гузаронидааст. Майлу рағбати донишандӯзии донишҷӯи ҷавон аз назари устодони факултет пинҳон намонд. Маҳз ҳамин сифатҳои некашро ба инобат гирифта, донишмандони ҳамон давра ҷойгоҳашро дар омӯзишу таҳқиқи илм диданд ва ӯро ба ин майдони пурталотум роҳбаладӣ карданд.

Ҳамин тавр, соли 1960 Р.Ҷ. Ҷабборов донишгоҳи номбурдаро хатм намуда, то лаҳзаҳои вопасини умр дар факултети мазкур аз фанҳои ҳуқуқи замин, ҳуқуқи кишоварзӣ ва ҳуқуқи экологӣ дарс мегуфт. Фаъолияти кори худро ба ҳайси ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ амалӣ намуда, аз соли 2012 ҳамчун дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ фаъолият намудааст.

Дар давоми умри бобаракаташ устоди равоншод тавонист, ки дар ҷодаи тарбияи мутахассисони болаёқати ҳуқуқшинос, кадрҳои арзандаи илмию омӯзгорӣ, вусъат додани корҳои таълимӣ ва тарбиявии Донишгоҳ корҳои арзандаву шоистаеро анҷом бидиҳад. Ба номи неки устоди равоншод як силсила корҳои неке пайванди ногусастанӣ доранд, ки ҳамеша дар дили ҳамкорону шогирдон ҷовидона боқӣ хоҳанд монд. Барҳақ ӯ яке аз мутахассисони варзидаи илми ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи замин ва ҳуқуқи кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Ба қалами дотсент Р.Ҷ. Ҷабборов беш аз 50 корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимию методӣ тааллуқ доранд.

Шодравон устод Р.Ҷ. Ҷабборов ҳамеша садри маҳфилҳои илмӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ буд, ки метавонист бо маърӯзаҳои баландмазмуни худ масъалаҳои мубрам ва рӯзмарраи ҳаёти ҳуқуқии кишвар ва роҳҳои даст ёфтан ба ҳалли онҳоро бозгӯ намояд. Кӯшишҳои пайвастаи устод буд, ки таклифҳо ва андешаҳои зиёди асосноканамудааш натанҳо дар адабиёти илмӣ, балки дар низоми қонунгузории муосири тоҷик ҷойи худро ёфтаанд.

Маҳз бо туфайли меҳнати ҳалолу заҳматҳои ҳамешагӣ ҳамчун нишони эҳтиром дотсент Р.Ҷ. Ҷабборов бо ҷоизаву мукофотҳои давлатии «Аълочии маорифи халқи СССР» ва «Собиқадори меҳнат» қадрдонӣ шудааст.

Корҳои нек, амалҳои шоиста, хизматҳои самимӣ ва асарҳои безаволаш марҳум Ҷабборов Раҳмон Ҷабборовичро миёни шогирдону ҳамкасбон ҷовидона нигоҳ медоранд.

Ба ин маънӣ бузургони мо бамаврид ишора кардаанд:

**Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист,**
**К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.**

**Мо аз даргоҳи Яздони пок таманнои онро дорем, ки рӯҳаш шоду хонаи охираташ обод бошад. Ёдат ба хайр, Устоди азиз!**



**Қурбон ҚУРБОНОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**

# АНДАРЗИ ДОНИШҶӮ

## (Оид ба қадру манзалати инсон)



**Тоҷинисо АЗИЗЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Агар инсон соҳибахлоқ бувад, ӯ баробари 1 (як) аст.

Агар инсон соҳибҷамол бувад, сифре бар 1 (як) биафзой, яъне 10 (даҳ).

Агар инсон соҳибмол бувад, сифре дигар бар 10 (даҳ) биафзой, яъне 100 (сад).

Агар инсон соҳибнажоду соҳибнасаб бувад, сифре дигар бар 100 (сад) биафзой, яъне 1000 (хазор).

Агар адади 1 (як), ки ахлок аст, аз миён биравад ва аз ӯ сифрҳое бар ҷой бимонад, ки ҳеҷ наарзанд.

### ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» аз марги дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ

**ҶАББОРОВ РАҲМОН ҶАББОРОВИЧ**

андӯҳгин буда, ба дӯстон, хешону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.



Ҳуснуддин САИДОВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ

*«Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидааст»*

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ТОҶИКИСТОН – ТАШАББУСКОРИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ОБӢ

Дар шароите, ки афзоиши аҳолӣ, биёбоншавӣ, хушксолӣ, тағйирёбии иқлим ба чашм мерасад, таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ зери суол меафтад. Воқеан суръати афзоиши ин омилҳо ба дастрасӣ ба ин неъмати бебаҳо бетаъсир намемонад. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар ҷаҳон мамлакатҳое ба монанди Яман, Сурия, Ҳиндустон ва ғайраҳо мушоҳида мегарданд, ки аҳолии онҳо аз дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Аз рӯи маълумотҳо дар ҷаҳон қариб 750 миллион одам аз дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Зиёда аз 2,5 миллиард сокини сайёра аз шароити мусоиди беҳдошт маҳруманд. Тибқи арзёбии коршиносон, шумораи аҳолии сайёра то соли 2050 зиёда аз 9 миллиард нафарро ташкил хоҳад дод, ки он ба афзоиши истеъмоли об боис мегардад. Илова бар ин, раванди биёбоншавӣ, афзудани офатҳои табиии вобаста ба об ва ғайраҳо, ки ба захираҳои обӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи чораҳои фавриро талаб мекунанд.

ҶТ яке аз давлатҳои аз ҷиҳати захираҳои обӣ бой шинохта шудааст. Аз ҷиҳати захираҳои обӣ ҶТ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Ҳукумати ҶТ дар ин бахш як қатор стратегияву барномаҳо қабул намуда, пайваста барои таъмини дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тадбирҳо меандешад. Кишвари мо дар сатҳи байналмилалӣ яке аз давлатҳои ташаббускор дар масъалаи обу беҳдошти он пазируфта шудааст. Чандин ташаббусҳои ҶТ дар масъалаи об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди пуштибонӣ қарор гирифтаанд.

Боиси хушҳолӣ ва сарбаландии мардуми азизи кишварамон аст, ки санаи 21-уми декабри соли 2016 зимни баргузории ҷаласаи Пленарии 71-уми Маҷмаи Умумии СММ Қатънома таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси ҶТ ва ҳаммуаллифии 177 кишвари аъзои СММ пешбарӣ шуда буд, бо райъи 193 давлати аъзои созмони мазкур, тасдиқ гардид. Ба муносибати эълон гардидани Даҳсолаи навбати таҳти унвони «Об барои рушди устувор» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 22-юми декабри соли 2016 зикр намуданд, ки ин ташаббуси чоруми ҶТ аст, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан Маҷмаи Умумии СММ ҳаматарафа ҷонибдорӣ меёбад. Ин туҳфаи беҳтарин дар соли ҷамъбасти 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ватани азизамон барои мардуми тоҷик аст.

Маҷмаи Умумии СММ бо қарори нави худ иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба эълони Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ки бори аввал дар Форуми ҳафтуми умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об дар Ҷумҳурии Корея 12-уми апрели соли 2015 ироа шуда буд, дастгирӣ кард. Аз мазмуни Қатъномаи мазкур бармеояд, ки Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» рӯзи 22-юми марти соли 2018 (Рӯзи байналмилалии захираҳои об) оғоз ёфта, 22-юми марти 2028 ба анҷом мерасад.

Зимни суханронӣ дар форуми мазкур Пешвои миллат зикр намуданд, ки «Таҳдиду хатарҳои муосири глобалӣ, аз ҷумла бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйири иқлим, зуд-зуд рух додани ҳодисаҳои офатдори гидрометеорологӣ, норасоии об ва дар натиҷа, боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, густариши бемориҳои сирояткунанда ва афзоиши фавти модару кӯдак, аз мо саъю



талоши бештар ва дар ин арса андешидани тадбирҳои марбутаро тақозо доранд». Воқеан даҳсолаи мазкур дар рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, татбиқ ва пешбарии лоиҳаҳо ва барномаҳо дар соҳаи об, таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об мусоидат менамояд. Инчунин даҳсолаи мазкур масъалаҳои таҳкими самаранокии истифодаи захираҳои обро фаро мегирад.

Лоиҳаи Қатънома онро ифода мекунад, ки ташаббусҳои пешинаи ҶТ аҳамияти муҳимми сатҳи ҷаҳонӣ доштаанд, зеро дар ин лоиҳа махсус ба онҳо диққат дода шудааст. Махсусан ташаббусҳои ҶТ оид ба «Соли байналмилалии оби тоза» эълон шудани соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт» эълон шудани солҳои 2005-2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон шудани соли 2013 таъкид гардидаанд. Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҶТ дар ҳалли мушкилоти умумиинсонӣ саҳми худро гузошта истодааст ва бетараф намебошад. Ташаббусҳои ҶТ хусусияти умумибашарӣ доранд, чунки на танҳо барои худ, балки барои тамоми аҳолии кураи замин муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Ҳамин аст, ки чунин ташаббусҳо бевосита аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ меёбанд.

Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ба инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Боиси тазаккур аст, ки дар тӯли даврони соҳибистиқлолии ҶТ чандин ташаббусҳо бевосита аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардиданд ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамоҷониба дастгирӣ ёфтанд.

Иқдоми навбатии Пешвои миллат, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт, ин эълон намудани Даҳсолаи нави байналмилалии амал таҳти унвони «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 мебошад, ки боз ҳам нақшу нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмиллалӣ чун давлати ташаббускор баланд мебардорад.

Қатъномаи навбатии СММ якчанд ҳадафҳои муҳимро пеш мегузорад. Давлатҳои аъзо бояд дар ҳамбастагӣ ва ҳамшарикӣ ин ҳадафҳоро пешаи худ намуда, дар пайи иҷрои онҳо тамоми саъю кӯшиши худро равона созанд. Дар охир мехоҳам якчанд ҳадафҳои даҳсолаи мазкурро пешниҳоди хонанда намоям:

а) такмили механизмҳои ташаккул ва паҳн намудани дониши экологӣ ва истифодаи самараноки об;

б) осонгардонии дастрасӣ ба дониш ва табодули иттилоот оид ба таҷрибаи пешрафта;

в) гирифтани иттилооти нави алоқаманд ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об;

г) амалӣ намудани фаъолияти иттилоотию ташвиқотӣ;

д) таъсиси шабакаҳо ва мусоидат ба ташкили шарикӣ ва фаъолияти дигар иштироккорони манфиатдор дар татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои марбут ба захираҳои об;

е) таҳкими фаъолияти иртиботӣ дар сатҳҳои гуногун ба манфиати татбиқи ҳадафҳои бо захираҳои об алоқаманд ва монанди инҳо.

# РУШДИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

**САИДОВ С.Ш.**
**унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи гражданӣ**

Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраe пешниҳод гардид, ки ҶТ ба марҳалаи нави рушд ворид гардида, бо қадамҳои устувор пеш меравад. Дар ин ҳолат таваҷҷуҳ намудан ба сиёсати ҳуқуқии кишвар яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки он дар Паёми имсолаи Президенти кишвар яке аз бахшҳои марказиро ишғол мекунад.

Бояд зикр намуд, ки ҶТ давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст. Бо мақсади амалишавии ин арзиши конститутсионӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқии кишвар такмил дода шуда, дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд. Дар ин давра аз тарафи Парламенти ҶТ як қатор қонунҳое қабул карда шуд, ки онҳо бо дарназардошти ба инобат гирифтани арзишҳои миллию дунявӣ таҳия гардидаанд. Яке аз чунин қонунҳо, ки маҳз бо дарназардошти хусусиятҳои миллии мардуми тоҷик таҳия ва қабул гардидааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» мебошанд, ки ин таҷрибаи ҳуқуқэҷодкуниро давлатҳои ҳамсоя мавриди истифодаи худ қарор дода истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки ба хотири рушди минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ ба Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ супориш доданд, ки «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ»-ро таҳия карда, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд. Бо ин мақсад алакай аз тарафи Вазорати адлияи ҶТ гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳияи консепсия таъсис дода шудааст, ки дар он як қатор устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ низ аъзо гардида, иштироки фаъол доранд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ тавассути консепсияҳо ва барномаҳои мухталиф амалӣ шуда истодаанд. Масалан, фармони Президенти ҶТ "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҷавонон" (аз 9 апрели соли 1997), Консепсияи инкишофи қонунгузории ҶТ (аз 19 феврали соли 2011), Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ (аз 2 ноябри соли 2013), инчунин шаш барномаи давлатӣ оид ба соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маъмурӣ, молиявӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, кишоварзӣ, байналмилалӣ, ва ғайраҳо аз тарафи Ҳукумати ҶТ (аз 1 март ва 3 апрели соли 2013) қабул карда шудааст. Лекин, консепсияи ягона, ки фарогири тамоми соҳаҳои ҳуқуқи ҶТ бошад, то ҳол мавҷуд набуд ва аз тарафи Сарвари давлат пешниҳод гардидани чунин иқдом бисер амри саривақтӣ аст.

Ҳамин тавр сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии сиёсати умумидавлатӣ аз раванди қонунияти объективии инкишофи ҷамъияти ҳозира ва он талаботе маншаъ мегирад, ки асоси дигаргуниҳои гузаронидаро дар кишвар ташкил медиҳад ва бинобар ҳамин ба нақша гирифтани он дар Паёми Президент аҳамияти хеле муҳим дорад. Чунки вай бояд барои рушди минбаъдаи давлатдории навини тоҷикон, демократикунонии ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт, беҳдошти соҳаи иҷтимоӣ, ҳифзи мунтазами манфиатҳои миллӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда шавад.

# ИСЛОМ ВА СУБОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Сарчашмаҳои динӣ дар таъмини амнияти ҷомеаи башарӣ нақши муассир дошта, дарбаргирандаи меъёрҳое мебошанд, ки инсониятро даъват ба сулҳ, субот ва оромӣ карда, мавҷудияти чунин падидаҳоро дар ҷомеа муҳим ва амри зарурӣ мешуморанд. Дар як маврид, ҳамон вақт, инсоният метавонад ба таври комил рушд намуда, ба мақсадҳои диниву дунявии худ расад, ки субот ва оромӣ дар ҷомеа пойдор бошад. Ба сифати яке аз чунин сарчашмаҳо Қуръон китоби муқаддаси дини мубини Ислом баромад мекунад, ки барои ҳидояти башар ба роҳи рост фиристода шуд ва шурӯъ аз аввал то ба охир ҷанбаҳои мухталифи ин арзишҳоро инъикос менамояд.

Дар ояти 208-уми сураи "Бақара" Худованд мефармояд: "Эй муъминон ҳамагӣ дар сулҳ ва оштӣ дароед ва аз қадамҳои шайтон пайравӣ накунед, ки ӯ душмани ошкори шумост". Дар ояти 10-уми сураи "Ҳуҷурот" бошад, вобаста ба арзиш ва ҳамбастагию сулҳ дар байни муъминон Худованд мефармояд: "Ҷуз ин нест, ки муъминон бародарони якдигаранд, пас миёни ду бародарони хеш сулҳ кунед ва аз Худо битарсед, то ба шумо раҳм карда шавад".

Ин нуктаҳои маънавии қуръонӣ, вобаста ба таърихи пайдоиш бунёди ҳуқуқи байналмилалии муосирро дар худ инъикос намуда, ҳатто дар Оинномаи СММ пешбинӣ гардидаанд, ки тибқи он мақсадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ чунинанд:

1. Ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ ва бад-ин мазкур дидани чораҳои таъсирбахши дастаҷамъӣ барои пешгирӣ ва аз байн бурдани таҳдидҳо ба сулҳ ва саркӯбии амалҳои таҷовузкорона ё дигар амалҳои вайронгари сулҳ ва аз тариқи василаҳои сулҳомез мутобиқи принсипҳои одилона ва ҳуқуқи байналмилалӣ, ки мумкин аст боиси халалдор шудани сулҳ гарданд.

2. Тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ дар байни миллатҳо дар асоси муносибатҳо ва принсипи ҳуқуқи баробар ва ҳуввияти худро муайян кардани халқҳо ва андешидани дигар чораҳои мутобиқ барои тақвияти сулҳи умумӣ.

3. Даст ёфтан дар ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ҳалли масъалаҳои байналхалқии дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ё инсонӣ ва пешбариву нигаҳдории эҳтиром ба ҳуқуқи башар ва ҳама гуна озодиҳои бунёдӣ бе тафовути нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ ё динӣ.



Ҳадаф ва рисолати Ислом ин аст, ки ҷомеаи башарӣ дар равобити худ ба якдигар дар сояи сулҳу субот ва дустиву оромӣ зиндагӣ кунад. Бинобар ин сарчашмаҳои исломӣ, аз ҷумла ҳадисҳои паёмбар фарогири меъёрҳоеанд, ки дорои ҳикмати бузург буда, дарбаргирандаи тамоми масоили зиндагӣ, аз қабили иҷтимоиёт, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, ахлоқ, таърих, ҳуқуқ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, пайёмбари Ислом таълимоти гуногунҷабҳаи Қуръон ва шариати исломиро таблиғ менамуд, ки он фарогири арзишҳои гуногуни башарӣ, аз қабили сулҳ, дӯстӣ ва бародарӣ мебошад: "Дӯстӣ бо мардум нисфи ақл аст". "Рафоҳи зиндагӣ дар сояи амният аст".

Дар Ислом нажод, миллат, шаҳрвандӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра меъёри воқеии бартарӣ нест. Абӯнуамм, Аҳмад ва Байҳақӣ аз китоби "Ододи нуфус"-и Табарӣ меоваранд, ки Паёмбари ислом ҳангоми ташриф ба сарзамини Мино ба сӯи мардум хитоб кард ва гуфт: "Эй мардум бидонед, Худои шумо яке аст ва падаратон яке, на араб бар аҷам бартарӣ дорад ва на аҷам бар араб, на сиёҳпӯст бар гандумгун ва на гандумгун бар сиёҳпӯст магар ба тақво."

Дар ҳуқуқи байналмилалии муосир принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳо ҳамчун меъёри умумиэътирофшуда мебошад, ки мувофиқи он баҳсҳои байналмилалӣ бояд беистисно ба таври осоишта ҳалли худро ёбанд. Муқаррароти мазкур дар оинномаи СММ ва оинномаи ИДМ таҳкими худро ёфтааст. Паёмбар дар шартҳои сулҳи Худайбия байни Расули Худо ва қурайшиҳо, номаи Паймбар ба Наҷҷошӣ Асҳам ибни Абҷар – подшоҳи Ҳабашия, даъватномаи Паёмбар ба Мукавкис подшоҳи Искандария, номаи Паёмбар ба Кисро подшоҳи Форс бо роҳи осоишта даъват намудан



**Савлат ИЗЗАТУЛЛОЕВА**
**донишҷӯи соли 3 (МБҲ)**

ба дини Исломро дарак медиҳанд. Истифода аз принсипи ба таври осоишта даъват намудан ба дини мубини Ислом натиҷаи бузурге додааст. Дар арзиши сулҳи Ҳудайбия Шайх Сафиюрраҳмон Муборакпурӣ менависад: «Ин сулҳ дар масири даъвати исломӣ таъсири бузурге ба ҷо гузошт, зеро мусулмонон баъд аз ин тавонистанд даъваташонро ба оммаи араб бирасонанд». Паёмбар ҳангоме, ки дар Мадина байни мусулмонон ва ду тоифаи дигар аҳднома баст, дар қисмати хафтуми қарордоди он чунин омада: «Сулҳи мусулмонон яктост, яъне дарвозаи сулҳ ба руйи ҳамагон боз аст».

Ин рафторҳои дипломатии Паёмбар донишмандони бузурги ҷаҳонии ғайримусулмонро низ ба ҳайрат ва шигифт овардааст. Махсусан нависандаи машҳури рус Лев Николаевич Толстой дар чандин мактуби пешазмаргиаш чунин васият намудааст: «Ҷойи ҳеҷ гуна шакку шубҳа нест, ки Паёмбари Ислом аз бузургони муслиҳини дунё аст, он хам муслиҳе, ки ба ҷомеаи башарият хидмати шоёне кардааст.»

Шоири шаҳири олмони Гёте бошад навиштааст: «Мундариҷаи китоби Қуръон…Моро ба шигифт меоварад ва саранҷом ба таъзим ва эҳтиром бармеангезад. Аз ҳамоқатҳои одамист, ки танҳо ақидаҳои шахсии худро ситоиш кунад».

# ДУШАҲРВАНДӢ



**Соҳиб АБЗАЛОВ**
**донишҷӯи соли 5**

Душаҳрвандӣ ва ё бисёршаҳрвандӣ яке аз падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ буда, имрӯзҳо диққати баъзе давлатҳо ва ҳуқуқшиносонро ба худ ҷалб кардааст. Шахсоне, ки душаҳрвандӣ ва ё бисёршаҳрвандӣ доранд онҳо «бипатрит» номида мешаванд. Яъне шахс дар як вақт бо ҳуҷҷати расмӣ – шиносномa ва дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият исбот карда метавонад, ки дорои ду ва ё якчанд шаҳрвандӣ аст ва мансубияташ ба кадом давлат дар он ҳуҷҷатҳо пешбинӣ мешавад. Дар замони муосир бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ва тағйир ёфтани вазъи сиёсии ҷаҳон ба чашм мерасад, ки ба масъалаи душаҳрвандӣ таъсири худро низ расонида истодааст. Баъзе давлатҳо дар қонунгузории миллии худ оид ба ин масъала меъёрҳои махсус пешбинӣ карда истодаанд. Аз ҷумла, дар Конститутсияи Румыния дар моддаи 16 пешбинӣ шудааст, ки вазифаҳои оммавӣ, мансабҳои олии давлатиро шахсоне ишғол карда метавонанд, ки танҳо шаҳрвандии Руминияро доранд. Дар қонунгузории Федератсияи Россия бошад, ягон меъёри манъкунанда мавҷуд набуда, Конститутсия пешбинӣ менамояд, ки шаҳрвандони ФР метавонанд дар баробари доштани шаҳрвандии ФР ҳамзамон дорои шаҳрвандии давлати дигар бошанд. Шояд аз тағйир ёфтани муносибатҳои сиёсӣ бошад, ки мақомоти ФР пинҳон кардани душаҳрвандӣ ё иҷро накардани уҳдадориҳоро дар ин бахш хавфи ҷамъиятӣ хонда, ба хулосае омаданд, ки бояд дар Кодекси ҷиноятии ФР меъёри махсус пешбинӣ карда шавад. Нахуст 04.06.2014, №142 Дар Қонуни федералӣ «Дар бораи шаҳрвандии Россия» тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ҳамзамон дар Кодекси ҷиноятии ФР дар боби 32 моддаи 330 (2) кирдорҳои марбут ба душаҳрвандӣ криминализатсия, яъне эътироф ва ворид кардани ҷинояти нав ба Кодекси ҷиноятӣ карда шуд, ки ин модда чунин ном гирифтааст. «Иҷро накардани уҳдадориҳо, огоҳ накардан ва ё пинҳон кардани ду ва зиёда шаҳрвандӣ ва ё шаҳодатномаи зиндагии (вид на жительство) давлати дигар». Ин меъёр ҷавобгарии ҷиноятиро бо татбиқи ҷазо дар намуди ҷарима то 200 ҳазор рубли русӣ ва ё то як сол боздоштани маош, ё ҷалб кардан ба корҳои ҳатмӣ то 400 соат пешбинӣ мекунад.

Агар атрофи масъалаи душаҳрвандӣ ва бисёршаҳрвандӣ дар қонунгузории ҶТ назар кунем, дар моддаи 15-и Конститутсияи ҶТ ва моддаи 4-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии ҶТ» чунин меъёр пешбинӣ шудааст. «Мансубияти шаҳрванди Тоҷикистон ба шаҳрвандӣ давлати дигар эътироф намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки дар қонун ва шартномаҳои байнидавлатии Тоҷикистон нишон дода шудааст». ҶТ дар масъалаи иҷозат додани душаҳрвандӣ расман танҳо бо Федератсияи Россия аз 7-уми сентябри соли 1995 шартномаи дуҷониба бастааст, ки ин шартномаи байнидавлатӣ аз 10 модда иборат буда, дар қаламрави ҶТ ва дар қаламрави Федератсияи Россия қувваи якхелаи ҳуқуқӣ дорад. Ин шартнома ба муҳлати 5 сол баста шудааст ва агар тарафҳо 6 моҳ пеш аз ба охир расидани муҳлати шартнома бо тариқи хаттӣ барои бекор кардани шартнома тарафи дигарро огоҳ накунанд, шартномаи мазкур ба муҳлати 5 сол басташуда ба ҳисоб меравад ва то ҳол ин шартнома амал мекунад. Дар моддаи 1-и ин шартномаи байнидавлатӣ омадааст, ки шаҳрвандони ҶТ дар ҳолати ба даст овардани шаҳрвандии Федератсияи Россия ва шаҳрвандони ФР дар ҳолати ба даст овардани шаҳрвандии ҶТ ҳуқуқ доранд, ки шаҳрвандии худро нигоҳ доранд, яъне дар як вақт соҳиби душаҳрвандӣ бошанд. Дар моддаи 3-и шартномаи мазкур масъалаҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодӣ, уҳдадориҳо ва таъминоти иҷтимоии шахсони дорои душаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст, ки яке аз асосҳои он ҷои истиқомати доимии онҳо ва ғайра ба назар гирифта мешавад.




Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ дар соли 2016 масъалаи доштани душаҳрвандиро низ дар бар мегирад. Аз он ҷумла, мувофиқи тағйиру иловаҳо вакили Маҷлиси намояндагон, узви Маҷлиси миллӣ, номзад ба Президенти ҶТ, аъзои Ҳукумат, судяҳо бояд танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошанд. Новобаста аз оне, ки шартномаи байнидавлатӣ доштани душаҳрвандиро иҷозат додааст, аммо мансабҳои мазкур барои давлатдорӣ калидӣ буда, барои ишғоли онҳо меъёри конститутсионӣ танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро пешбинӣ мекунад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар боби 30-и Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ ном гирифтааст, моддаи махсус барои пинҳон кардан ва огоҳ накардани душаҳрвандӣ пешбинӣ гардад ва барои чунин кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда шавад. Зеро аз дигар ҷиноятҳо дида кирдори мазкур хусусияти хавфнокӣ дорад ва метавонад ба манфиати давлатӣ ва идоракунӣ халал ворид созад.

# СИЛОҲҲОИ ГАЗӢ

**Манучеҳр ИСМОИЛОВ**
**донишҷӯи соли 1 (ихтисоси экспертизаи судӣ)**

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013 силоҳи газӣ - силоҳе, ки барои зарбазании муваққатӣ ба ҳадафи зинда бо истифодаи моддаҳои ашковар ё ғашовар таъйин шудааст. Ба сифати патрони газӣ василае баромад мекунад, ки барои тирпарронӣ аз силоҳи газӣ ё силоҳи оташфишони зарбааш маҳдуд, ки бо ёрии гилза воситаҳои тахрикдиҳандаи дорои моддаҳои ашковар ва ғашоварро муттаҳид менамояд ва барои қатли инсон пешбинӣ нашудааст.

Яке аз принсипҳои асосии таъсиррасонии силоҳҳои газӣ ба инсон ин эҳсосоти сӯхтор дар бинӣ ва гулӯ, нафас ва баъзан ҳатто аз даст додани тафаккур мебошад. Дар натиҷаи истифодаи силоҳи газӣ ва ҷараёни истифодаи газҳо ҳамлакунанда қобилияти ҳамлакуниро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, барои аз худ дур кардани ҳамла ва муҳофизати шахсӣ "аэрозол" истифода бурда мешавад. Дар баъзе "спрей"-ҳои газӣ моддаҳои рангдор омехта мекунанд, ки онҳо барои шинохтани ҷиноятқор ёрӣ мерасонад. Силоҳҳои газиро аз рӯи хусусиятҳояшон ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) тапончаҳои газӣ; 2) туфангча (револвер)-ҳои газӣ; 3) чархак (баллончик)-ҳои газӣ; 4) газҳои махсус пошанда.

Чархакҳои газӣ шаклашон чун силиндр мебошад, ки дар онҳо 60-75 грамм гази ашковар ва ғашовар мавҷуд аст. Пошидани газ дар натиҷаи пахш кардани тугмача бо кушодани сарпӯш (клапан) амалӣ карда мешавад. Ин таҷҳизотҳо имконият медиҳанд, ки атрофи шахси ҳамлакунанда дуди газӣ дар ҳаҷми 4-5 метр ба вуҷуд омада, онро аз ҳамлакунӣ нигоҳ дорад. Хусусиятҳои асосии истифодаи чархакҳои газӣ инҳоянд: 1) аз қобилияти ҳамлакунӣ боз доштан; 2) истифода бурдан аз 6-7 сония зиёд; 3) масофаи истифодабариаш 1,5 метр; 4) баромади газ 95%; 5) миқдори газ 34 грамм.

Аэрозолҳо ҳарчанд шакли гуногун дошта бошанд ҳам, аммо газашон қариб фарқ намекунад. Асосан, дар онҳо газҳои "CM" (си эм), яъне газҳои ашковар, ки дар таҷҳизоти махсуси милитсия ва "ортохлорбензиниденмалонодинитрил" махсули заҳролуд, ки бо номи CS (си эс) машҳур аст ва бештар газҳои хлорпикрин ё PS (пи эс) вомехӯранд. Боз газҳое ҳастанд ки ба одам хатари зиёд доранд, ки онҳо гази "хлоратсетофенон" ва "хлорпикрин" мебошанд. Дар ҳолати пошидани гази "хлоракетофенон" дар инсон сӯзиши бинӣ, чашм ва ашкрезиро ба вуҷуд меорад. Аэрозоли CS (си эс) ашкрезии шадид ва сӯзиш дар роҳҳои нафасро ба вуҷуд меорад. Дар бисёри ҳолатҳо хунравӣ аз бинӣ ва сурхшавии пӯсти одам ба амал меояд, махсусан қисмҳои нарми инсон зарари калон мебинад. Таъсири гази "хлоропекрин" ғайр аз сӯзиш, дарди чашм ва нафасгирӣ боз дилбеҳузуриро низ ба амал меорад.

Истифода бурдани газҳои номбаршуда дар хона ва ҷойҳои маҳкам ба заҳролудшавӣ ва ҳатто ба марг оварда мерасонад. Дар натиҷаи баромадан аз ҷойи заҳролуд таъсири газ ба чашм баъди 10-15 дақиқа ва баъди 25-30 дақиқа қариб тамом мешавад, аммо таъсири гази истифодашуда дар пӯсти инсон чанд муддат боқӣ мемонад.



Ҳар як силоҳи газӣ тарафҳои манфии худро доранд. Мисол, баъзе аз тапончаҳои газӣ (револвер) хело калон мебошад. Барои ҳамин, тапончаҳои газӣ аз силоҳи оташфишон қариб фарқе надоранд. Тафовути тапончаҳои газӣ аз чархак (балончик)-ҳои газӣ дар он аст, ки чархакҳои газӣ дар фазои кушод на ҳама вақт истифода бурда мешавад. Мисол дар вақти шамол агар истифода барем мо метавонем худамонро ҳадафи газ қарор диҳем.

Навъи дигари силоҳи газӣ "Удар-М" ном дорад, ки на тапонча ва на чархак (балончик) мебошад. "Удар-М" ба монанди дастаи тапончаҳо будаю чун туфангча тир мепаронад. Ин дастгоҳи дорупошии худмуҳофизатӣ буда, газҳои заҳролуди моеъ мепартояд.

Таҷҳизоти "Удар-М" дар якҷоягӣ бо чархакҳои хурдҳаҷми (Бам), ки бо газҳои моеъ пур карда шудаанд, истифода бурда мешавад. Таҷҳизот дар ҳарорати -10 ва +50 дараҷа кор фармонда мешавад. Хусусиятҳои техникии "Удар-М" аз инҳо иборат аст: 1) калибра 13 мм; 2) вазн 150 г; 3) ғунҷоиш 5 тир; 4) доираи самаранокӣ 4-6 метр.

Навъи дигари силоҳи газӣ тапончаи гази "ИЖ-79" ба шумор меравад. Ин навъи тапонча дар заминаи тапончаи "Макаров" истеҳсол карда мешавад. Чаҳорчӯба (рамка) ва зарбазанак (ударный механизм) аз метал тайёр карда шудааст. "Иж-79" бо калибри 8х20 мм истеҳсол карда мешавад. Хусусиятҳои техники: 1) калибр 8 мм; 2) диапазони мағлуб бо абри аэрозоли то 3 м; 3) ғунҷоиш 8 тир; 4) вазн на зиёд аз 0,73кг.

Патронҳои газӣ шакли силиндрӣ дошта, ба патронҳои одӣ монанди доранд. Дар дохили гилза пеш аз кулоҳак (заряд)-и борут (порох) дар шакли булӯр (кристалл) моддаи заҳролуд мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи гармӣ ба газ табдил ёфта, сузиши роҳҳои нафас ва ашкрезӣ аз чашмро ба амал меорад. Аз рӯи ранги патронҳои газӣ мумкин аст таркиби гази онро муайян кунем: дар таркиби патрони гази рангаш зард – CS (ортохлорбензолмолодонтирил) ва патрони газии рангаш кабут ва бунафш – CN (хлоротсетофенон ё маҳлаб (черёмуха) мавҷуд мебошад.

Мутобиқи моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқ доранд ба силоҳи газии худмуҳофизатӣ, ғайр аз пошдиҳандаҳои механикӣ ва василаҳои дорои аэрозолӣ бо моддаҳои ашковар ва ғашовар муҷаҳҳаз дар асоси рухсатнома соҳиб шаванд. Рухсатномаро мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» мақомоти корҳои дохилии ҷои истиқомати шаҳрванд медиҳад.

Шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқ доранд пошдиҳандаҳои механикӣ, василаҳои дорои аэрозолӣ бо моддаҳои ашковар ва ғашовар муҷаҳҳаз, василаҳои мадҳушкунандаи электрикӣ, шарораи зарядгардон, силоҳҳои пневматикии воҳиди энергияи милашон на зиёда аз ҳафтуним Ҷоул ва калибрашон то чоруним миллиметрро, ба истисноии тапончаҳои пневматикӣ, бидуни гирифтани рухсатнома соҳиб шаванд.

# ҶАВОНОН – МУАРРИФГАРИ ДАВЛАТ

## (ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ)

Ҳамасола Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ ироа мегардад, ки дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат муайян гардида, баҳри амалӣ намудани онҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад.

Паёми имсолаи Пешвои миллат ба даврае рост омад, ки Тоҷикистон 25-умин соли истиқлолияти худро сипарӣ ва баҳри ояндаи нек қадам мегузорад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар ҳар Паёми худ ҷавононроояндаи миллат ва муаррифгари давлат арзёбӣ намуда, онҳоро қишри аз ҳама масъулиятноки ҷомеа мешуморад. Дар Паёми навбатии худ ин нуктаро такроран иброз намуда, таъкид намуданд, ки бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил дода, онҳо муаррифгари Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи мамлакат маҳсуб меёбанд. Инчунин, пешниҳод гардидани соли 2017 ҳамчун соли ҷавонон аз ҷониби Пешвои миллат гувоҳи он аст, ки ин абармарди таърих ба қувва ва неруи ҷавонони тоҷик эътимоди комил дошта,ояндаи гул-гулшукуфони Ватани муҳбуби худро дар симои онҳо мебинад. Паём муждаи хушнудиву хушбахтиро ба ҷавонон ҳадя намуда, метавон онро ҳамчун Паёми ҷавонпарварона ном бурд.**

Сиёсати ҷавонон дар меҳвари асосии Паёми Сарвари давлат қарор дошт ва иброз гардид, то ҷавонон ҷавобан ба ғамхориҳои давлату ҳукумат саҳми арзишманди худро баҳри пешрафти Меҳани муқаддаси хеш гузоранд. Аз ҷумла, қайд гардид: «Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд. Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд…ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд».

Воқеан, ҷавонон муаррифгар ва пешбарандаи давлат буда, тавони онро доранд, ки Тоҷикистонро дар арсаи олам чун кишвари пешрафта ва дорои неруи бузург муаррифӣ намоянд. Ин масъулияти бениҳоят мушкил буда, аз ҳар ҷавон тақозои онро менамояд, то аз болои худ дучанд кор намояд, зеро ӯ на худро, балки миллати худро муаррифӣ месозад.

**Муаррифии давлат аз ҳар яки мо ҷавонон талаб менамояд, ки нахуст ба чунин масъалаҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намоем:**

**а) таъриху фарҳанг ва расму оинҳои миллии худро ба таври дахлдор ва дақиқ донем;**

**б) оид ба Тоҷикистони муосир маълумоти қонеъкунанда ва аз ҷойҳои таърихиву фарҳангӣ ва сайёҳии он тасаввуроти бештар дошта бошем;**

**в) сиёсати пешгирифтаи давлат ва ҳукумати кишварро пуштибонӣ ва аз дастовардҳои кишвар бохабар бошем;**

**г) забонҳои хориҷиро аз бар намоем, зеро бидуни он шиносонидани миллат ғайриимкон аст ва дар баробари он забони тоҷикиро пос дорем ва кӯшем то сухане бо забони худ дар хориҷ аз кишвар гуфта бошем;**

**д) дорои одоб, ахлоқ ва тарбияи баланд бошем;**

**е) аз илму технологияи замони муосир бохабар бошем.**

Доштани ҳисси баланди миллӣ ва ифтихор аз забон ва таъриху фарҳанги аҷдодӣ вазифаи ҳар яки мо ҷавонон аст, ки ин масъала дар Паём ба таври зайл матраҳ гардид: «Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд».

Хушбахтона, бо шарофати истиқлолияти миллӣ ва оромии ҷомеа ҷавонони тоҷик имрӯз тавониста истодаанд Ватани ба ҷон баробари худро дар арсаи байналмилалӣ дар риштаҳои гуногун муаррифӣ намуда, ном ва парчами миллатро боло бардоранд.



Некрӯз САФАРЗОДА
донишҷӯи соли 4-и
Академияи давлатии
ҳуқуқи Саратови
Федератсияи Россия

**Ҷавонони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар баробари дигар ҷавонони кишвар кӯшиши худро баҳри муаррифии Ватан равона намуда, дар хориҷ аз кишвар таҳсил, дар конференсияҳо ва дигар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок ва баромад менамоянд, ки ин мояи ифтихор аст. Сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат, раёсати ДМТ ва садорати факултет оид ба дастгирии ҷавонон аст, ки камина дар Академияи давлатии ҳуқуқи Саратови Федератсияи Россия интиқол ёфта, таҳсил карда истодаам. Ташкил намудани ҳамкориҳои судманд бо донишгоҳу донишкадаҳои хориҷ ба ҷавонони ин даргоҳи муқаддас имконият фароҳам меорад то илми ҳуқуқшиносии тоҷикро дар дунё муаррифӣ намуда, ҳамзамон аз дастовардҳои илмии онҳо бохабар ва дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ саҳми худро гузоранд.**

Хуб мешуд, агар Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ дар заминаи таҷлили 70-умин солгарди ДМТ ва 68-умин солгарди факултети ҳуқуқшиносӣ, конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии донишҷӯён, магистрантон ва аспирантонро дар ҳамкорӣ бо донишгоҳу донишкадаҳои ҳуқуқшиносии хориҷ ба роҳ мемонд, зеро ин имконият фароҳам меорад то онҳо аз кишвари маҳбуби мо ва илми ҳуқуқшиносии тоҷик аз наздик ошноӣ пайдо намуда, дӯстиву ҳамкории худро қавӣ ва бештар намоянд. Пешниҳоди мазкур сарчашмаи худро аз Паёми Пешвои миллат мегирад, ки қайд намуданд: «Тоҷикистон муносибатҳои дустӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судмандро бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ мемонад».

**Мо ҷавонон қишри аз ҳама фаъоли ҷомеаем ва мекӯшем чун Пешвои миллат Тоҷикистонро дар сайёра муаррифгар ва номбардор бошем.**

